201 A
Alisher Navoiy nomidagi O'zbekiston MK

آواز تاجیک

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

29 январи соли 2020.
Чоршанбе
№ 10 (14609)

сайт http://ovozitojik.uz/,
e-mail: ovozitoj@umail.uz,
ovozi@list.ru

## ВАЗЪИЯТИ КОР ДАР СОҲАИ НАҚЛИЁТ АЗ НУҚТАИ НАЗАРИ ТАНҚИДӢ ТАҲЛИЛ КАРДА ШУД

**Президент Шавкат Мирзиёев 28 январ бахшида ба баррасии вазифаҳои устувор оид ба самарабахш ташкил намудани низоми нақлиёт дар Ӯзбекистон ҷамъомад баргузор намуд.**

Ба мақсади куллан такмил додани идоракунии давлатӣ дар соҳа, рушди стратегӣ ва таъмин кардани фаъолияти устувори коммуникатсияи нақлиёт мувофиқи фармони сарвари давлат аз 1 феврали соли 2019 Вазорати нақлиёт ташкил шуда буд.

Сарфи назар аз корҳои амалишуда иқтидори нақлиётиву транзитии мамлакатамон пурра ба кор бурда намешавад.

Мувофиқи баҳои коршиносони байналмилалӣ имконияти аз 7 миллиони ҳозира то 16 миллион тонна расондани иқтидори транзитии Ӯзбекистон, аз ҳисоби татбиқи лоиҳаҳои минтақавӣ дар соли 2030-юм то 23 миллион тонна расондани он мавҷуд аст.

Дар рейтинги Бонки умумиҷаҳонӣ оид ба логистика Ӯзбекистон дар байни 163 мамлакат дар ҷойи 99-ум, аз ҷиҳати нишондиҳандаи қулаии амалӣ гардондани ҳамлу нақли байналхалқӣ дар ҷойи 120-ум қарор дорад.

Аз сабаби мавҷуд набудани сиёсати мақбули тарифӣ имкониятҳои мавҷуда барои ҷалби борҳои нақлиётӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии молҳои ватанӣ дар бозори хориҷӣ суст истифода мегарданд.

Дар ҷамъомад таъкид гардид, ки яке аз вазифаҳои муҳиме, ки дар назди Вазорати нақлиёт қарор дорад, пурра аз нав дида баромадани сиёсати транзитӣ мебошад.

Бинобар куллан ислоҳ намудани низоми роҳи оҳан, васеъ ба ин соҳа ҷалб намудани сармояи хусусӣ супоришҳо дода шуданд.

Ҳолати авиатсияи шаҳрвандӣ низ зери тозиёнаи танқид гирифта шуд. Ислоҳот дар ин соҳа дар натиҷаи то ҳол ба сифати ташкилоти мустақил ба роҳ монда нашудани фаъолияти ҷамъияти саҳҳомии «Uzbekistan Airways» ва «Uzbekistan Airports», ки дар пойгоҳи мусофиркашонии миллии авиатсионӣ ташкил карда шудааст, қафо мемонад.

Ба ғайр аз ин, соли гузашта дар чор аэропорти мамлакат тартиби «осмони кушод» бо ҷорӣ кардани «озодии фазои панҷуми ҳавоӣ» ҷорӣ карда шуда буд. Аммо, ягон ширкати авиатсионии хориҷӣ ҷалб карда нашудааст. Ин ҳолат эътирози асосноки мусофиронро ба миён оварда, оқибат онҳо аз хизмати ширкатҳои авиатсионии хориҷӣ истифода мебаранд.

Ба ин муносибат супурда шуд, ки ислоҳот дар асоси тавсияҳои Бонки умумиҷаҳонӣ ба охир расонда шуда, дар соҳа муҳити рақобат фароҳам оварда шавад.

Оид ба ҷорӣ кардани «осмони кушод» дар аэропортҳои байналхалқии Навоӣ ва Тирмиз барои ба каргохабҳо табдил додани онҳо, ба онҳо васеъ ҷалб намудани мусофиркашонони хориҷӣ вазифаҳо муайян шуданд.

Муҳим будани созмон додани шароит барои ширкатҳои авиатсионии нав ва минбаъд васеъ гардондани ҷуғрофияи парвозҳо қайд гардид.

Инчунин дар соҳаи нақлиёти автомобилӣ ва ҷамъиятӣ як қатор камбудиҳо қайд гардиданд.

Зарурати гузарондани тендерҳои кушод барои хидматрасонӣ ба хатсайрҳо, аз нав дида баромадани тарифҳо ва тартиботи мусофиркашонии ҷамъиятӣ, рақамигардонии соҳа барои ба аҳолӣ расондани хидмати қулай ва хушсифати нақлиёти автомобилӣ зикр гардид.

Ба беҳтар гардондани ҳолати роҳҳои автомобилгардӣ эътибори алоҳида дода, супурда шуд, ки коркарди Стратегияи рушди роҳҳои нақлиёти автомобилӣ бо ҷалби коршиносони байналмилалӣ тезонда шавад.

Усулҳои кори мақомоти назораткунандаи назди Вазорати нақлиёт кӯҳна эътироф шуда, зарурати такмил додани фаъолияти онҳо дар асоси талаботи замон таъкид гардид.

Шахсони масъул бинобар ҳаллу фасли мушкилоти дар ҷамъомад зикргардида ва татбиқи вазифаҳои устувор нақшаҳои ҳаракатро тақдим намуданд.

**ӮзА.**

## МАСЪАЛАҲОИ РУШДИ САЙЁҲӢ ВА ВАРЗИШ БАРРАСӢ ГАРДИДАНД

**Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев 28 январ бахшида ба масъалаҳои рушди сайёҳӣ, минбаъд оммавӣ гардондани тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ҷамъомад баргузор намуд.**

Имрӯз ҳаҷми бозори ҷаҳонии сайёҳӣ тақрибан 9 триллион долларро ташкил медиҳад. Дар ин соҳа ҳар даҳумин нафар аҳолии бо кор банди дунё фаъолият нишон медиҳад.

Мувофиқи тадқиқотҳо сайёҳон ба он мамлакатҳое саёҳат мекунанд, ки муҳлати парвози онҳо аз панҷ соат зиёд нест. Дар ин радиуси мамлакатамон тақрибан 60 давлат бо 3 миллиард аҳолӣ воқеъ гардидааст. Аз онҳо ҳар сол қариб 360 миллион нафар ба хориҷ саёҳат мекунанд. Ин бозори бузурги сайёҳист.

Соли гузашта ба Ӯзбекистон 6,7 миллион сайёҳ ташриф овард. Беш аз 10 нашрияи бонуфузи хориҷӣ мамлакати моро ҳамчун яке аз самтҳои ҷолибтарини сайёҳӣ эътироф намуданд.

Президент Шавкат Мирзиёев дар Мурожиатнома ба Олий Маҷлис таъкид намуд, ки ба соҳаи стратегии иқтисодиёт табдил додани сайёҳӣ аз вазифаҳои устувор ба ҳисоб меравад.

Соли ҷорӣ то ба 7,5 миллион, дар соли 2022 то ба 10 миллион ва дар соли 2025 то ба 12 миллион нафар расондани сайёҳони хориҷӣ ба нақша гирифта шудааст. Аз ҳисоби ин содироти хидматҳои сайёҳӣ соли ҷорӣ то 1,5 миллиард доллар ва дар тӯли панҷ соли минбаъда то 3 миллиард доллар расонда хоҳад шуд.

Ба туфайли саъю кӯшиши сарвари давлатамон, хусусан дар натиҷаи пайваста иҷро намудани вазифаҳое, ки дар қарори Президент «Дар бораи чораҳо оид ба таъмин кардани рушди устувори сайёҳии дохилӣ» аз 7 феврали соли 2018 ба назар мерасанд, инчунин бинобар баланд шудани некӯҳолии аҳолӣ сайёҳии дохилӣ низ васеъ ривоҷ меёбад. Аммо, чи хеле ки дар ҷамъомад таъкид гардид, меҳмонхонаҳои ҷавобгӯи андозаҳои байналхалқӣ, гидҳои соҳибихтисос намерасанд.

(Давомаш дар саҳ.2).

Муносибат

## МУРОҶИАТНОМА – РОҲНАМОИ ҲАЁТИ МАРДУМИ КИШВАР

**Муроҷиатномаи Президенти мамлакатро аз рӯи мазмуну моҳият муроҷиатномаи таърихӣ унвон кардан мумкин аст. Муроҷиатномаи мазкурро боз метавон аз он ҷиҳат нишонрас номид, ки ба дили ҳар як шаҳрванди мамлакат роҳ ёфт. Ҳамзамон он роҳҳои васеи тараққиёт ва дастовардҳои бештарро ба рӯямон боз намуд.**

Яке аз масъалаҳои барои ҷомеаи мо муҳим барқарор намудани адолат ва ба ҳаёт татбиқ шудани принсипҳои демократӣ мебошад. Дар ин замина сарвари давлат зимни суханронии худ ҳамаҷониба тавaққуф намуд ва як қатор ташаббусҳоеро ба миён гузошт, ки маҳз ҳамин ҷанбаи ҳаёти мардуми моро фаро мегиранд ва баҳри ба таври ҳамеша барқарор гардидани адолат поя мегузоранд.

Вақте ки маро аз Ҳизби сотсиал-демократии "Адолат" ба депутатии Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис номзад пешбарӣ карданд, боз ҳам бештар ба умқи ҳаёти мардуми ҳамон қитъаи интихоботӣ ворид шуда, ҳаёт ва тарзи зиндагии онҳоро то қадри имкон омӯхтам. Ҳоло яке аз курсиҳои парлумонро ишғол кардаам. Дар Муроҷиатномаи Шавкат Мирзиёев ба парлумони нав вазифаву масъулиятҳои зиёд супурда шуд. Акнун моро лозим меояд, ки дар баробари эътимоди мардум, ҳамчунин ба боварии сарвари давлатамон сазовор гардем.

Дарвоқеъ, депутате, ки худомӯзӣ намекунад, намехонад, аз куҷо нерӯ мегирад? Гузашта аз ин, мо, депутатҳоро, ки Хонаи халқро намояндагӣ мекунем, лозим аст, ки ба мардум наздик бошем, ҳарчи бештар дарду доғ ва мушкилоти онҳоро омӯзем ва қонунҳое таълифу таҳия намоем, ки дардхӯри ҳамин халқ бошад.

Батакрор ин нуктаро қайд мекунам, ки дар мулоқоту муошрату муносибат бо мардум кор калон будааст. Чаро? Роҳ ёфтан ба дили онҳо, ки солҳои дароз наметавонистанд ҳарфашонро озодона ба намояндагони мардумии интихобкардаашон бигӯянд, аз онҳо мадад пурсанд, танҳо ба воситаи ҳамин мулоқотҳову суҳбатҳо имконпазир мебошад. Пӯшида нест, ки баъзе депутатҳо моҳҳову баъзан солҳо аз мулоқоту суҳбатҳо бо мардум канорагирӣ мекарданд.

Нуктаи дигар ҳамин аст, ки ҳоло мардуми мо аз нигоҳи фикру ҷаҳонбинӣ хеле пеш рафтааст. Акнун онҳо мардуми чанд соли пеш нестанд, ки ҳарфашон дар дилашон нуҳуфта мемонад. Онҳо аз депутатҳои худ умедвориҳои калон доранд ва ин умедвориҳои онҳо дар Муроҷиатномаи Президенти мамлакат низ хеле хуб акс ёфтааст.

Муроҷиатномаро тамоми мардуми кишвар, ҳатто шаҳрвандони мо, ки дар хориҷа кору истиқомат мекунанд, бо таваҷҷӯҳи хос гӯш карданд. Дар он ислоҳот аз пайи ислоҳот таъкид шудааст ва пиёда кардани он дар мамлакат амну осоиш, суботу барқарорӣ ва адолату фаровониро таъмин хоҳад кард.

Президент Шавкат Мирзиёев солҳои охир ба фаъолияти журналистону блогерҳо низ диққати махсус зоҳир менамояд. Ин нукта дар Муроҷиатномаи ӯ низ қайд гардид. Ба фикрам, барои кори пурсамару бонатиҷа дар бобати омӯзиши пешниҳодҳои интихобкунандагон, муайян кардани муаммоҳову мушкилоти мардум, ҳиссагузорӣ дар қабули қарорҳо ва қонунҳое, ки бар дӯши депутатҳои парлумон аст, журналистону блогерҳо низ метавонанд саҳим бошанд.

Ба гуфтаи Президент Шавкат Мирзиёев омӯхтани осори фарҳангӣ ва илмие, ки Имом Бухорӣ, Абӯмансур Мотурудӣ, Абӯ Мӯин Насафӣ, Баҳоуддин Нақшбанд барои мо ба мерос мондаанд, ҳамчунин ба ҷавонон омӯзонидани таълимоти онҳо бобати бомаърифат ва бомаънавият камол ёфтани онҳо хеле мусоидат менамояд. Аз ин сабаб масъулияти ҳар яки мо аз он иборат аст, ки дар тарғиби мероси илмӣ, ба мардум ошно намудани он, ба таври васеъ истифода бурдани он дар тарбияи наслҳои наврас саҳми худро гузорем. Тавре ки дар Муроҷиатнома баён гардид, «ваксинаи ҳалолу показигӣ» айнан дар ҳамин мероси бою ғании гузаштагон нуҳуфтааст. Агар инсон ин покиро дар қалб ва фитрати худ пайдо кунад, он гоҳ дар кору зиндагии худ эҳсоси ҳалоливу покизагиро тараннум менамояд.

(Давомаш дар саҳ.2).



*Филиали корхонаи муштараки «Uztex group»-и Намангон воқеъ дар Чортоқ ба истифода супурда шуд.*

*Дар корхона 800 нафар аҳолии маҳаллӣ ба кори доимӣ таъмин карда мешавад, ки аз онҳо 650 нафар писарону духтарон нав ба фаъолияти меҳнатӣ сар мекунанд.*

*Дар тадбире, ки бахшида ба кушоиши корхонаи «Uztex Chartak» бо иштироки ҷомеаи васеъ баргузор гардид, ҳокими вилояти Намангон Х.Бозоров ба сухан баромад.*

***Дар сурат:** дар ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Uztex group»-и шаҳри Намангон.*

***Суратгир: Ҳ. МАМАДАЛИЕВ (ӮзА).***

## Эътибор ба «шоҳи фан»-ҳо

**Рӯзи гузашта бо ҷамоаи устодон ва толибилмони донишгоҳамон тавассути «оинаи нилгун» Муроҷиатномаи Президент Шавкат Мирзиёевро ба Олий Маҷлис бо диққат дидем ва гӯш кардем.**

Президент дар баромади худ ба масъалаҳои илму маърифат ва дониш гирифтани насли наврас аҳамияти махсус медиҳад. Алалхусус, ба омӯхтани фанҳои дақиқ, яъне кимиё, риёзӣ, физика диққати ҳозиронро ҷалб намуд, ки боиси хурсандист.

Камина аз рӯи ихтисос математик ҳастам. Солҳои таҳсил дар мактаби ҳамагонии рақами 16-уми ноҳияи Самарқанд бо ташаббуси муаллим Сайфиддин Нарзиев муҳаббатамон ба ин фан зиёд шуда буд. Сабаби соли 1968 ба факултаи физика-математикаи Донишгоҳи давлатии Самарқанд якбора дохил шудани 10 нафар ҳамин буд. Аз онҳо 4 нафар рисолаи номзадӣ ва докторӣ дифоъ намудаанд.

Пас аз таҳсил ҳаёти ман ба соҳаи математика ва Донишгоҳи давлатии Самарқанд вобаста гардид.

Вақте ки Президент доир ба бештару хубтар омӯхтани математика ҳарф зад, табъам болида гашт. Зеро барҳақ математика шоҳи фанҳо буда, мушкилкушои бисёр муаммо ва масъалаҳои сарбаста аст. Аҷибаш ин ки асосгузори фанни алгебра ҳамватани мо Ал-Хоразмӣ мебошад.

Хурсандии дигар он аст, ки минбаъд қабул ба мактабҳои олӣ дар асоси гранти давлатӣ 2 маротиба меафзояд. Ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки дар Самарқанд ва, умуман, Ӯзбекистон ворисони Берунӣ ва Хоразмӣ зиёд мешаванд.

**Аҳмадҷон СОЛЕЕВ,**
**профессор, доктори илмҳои физика-математика, проректори Донишгоҳи давлатии Самарқанд.**

## КОНФРОНС БАХШИДА БА МУРОҶИАТНОМАИ ПРЕЗИДЕНТ

**Рӯзи шанбе дар маҷлисгоҳи Донишгоҳи давлатии Гулистон бахшида ба Муроҷиатномаи Президент ба Олий Маҷлис конфронс ба амал омад.**

Дар кори конфронс раиси Иттиҳодияи эҷодии журналистони Ӯзбекистон Саъдулло Ҳаким, ректори Донишгоҳи давлатии Гулистон, профессор Мӯҳсин Ҳоҷиев, сардори Садорати матбуоти вилоят, сенатор Фарҳод Боқиев, муовини ҳокими вилоят Отабек Низомов, рӯзноманигорон ва донишҷӯёни донишгоҳ иштирок карданд.

– Муроҷиатномаи Президенти ҷумҳурӣ – ин як ҳуҷҷати таърихист, – гуфт раиси Иттиҳодияи эҷодии журналистон Саъдулло Ҳаким, – ва ба амал татбиқ кардани нишондодҳои Муроҷиатнома натанҳо вазифаи Сенати Олий Маҷлис, ёхуд Палатаи қонунгузорӣ, балки вазифаи ҳамаи рӯшанфикрон, аз ҷумла мову шумо журналистон аст...

Ректори донишгоҳ Мӯҳсин Ҳоҷиев доир ба чораву тадбирҳои тайёр кардани кадрҳои баландихтисос, сенатор Фарҳод Боқиев оид ба таассуроти нахустини худ аз маҷлиси Сенат сухан гуфтанд.

Дар охири конфронс ба як гурӯҳ рӯзноманигорони вилоят ифтихорномаҳои Иттиҳодияи эҷодии журналистони ҷумҳурӣ ва вилоят супурда шуданд.

**Т. БОҚИЕВ,**
**хабарнигори "Овози тоҷик" дар вилояти Сирдарё.**

Соли рушди илм, маърифат ва иқтисодиёти рақамӣ

## ЭЪТИМОД БА ФАРДОИ ТАЪЛИМ

**Муроҷиатномаи Президент воқеаи муҳим дар ҳаёти сиёсию иҷтимоии кишвар аст. Соҳае намонд, ки аз назари роҳбари давлат дур монда бошад. Сухан ва муҳокимарониҳои ӯ бобати риштаҳои илму маърифат ва ба таълиму тарбияи замонавӣ фаро гирифтани насли ҷавон, киояндаи ҷамъият аз онҳо вобаста, хусусан қобили таваҷҷӯҳ буда, Соли рушди илм, маърифат ва иқтисодиёти рақамӣ эълон шудани соли 2020 қалби алоқамандони мактаб ва маориф – устодону тарбиятгаронро бештар ба таппиш овард.**

Мо, омӯзгорони мактабҳои таълими умумӣ, бо идроки маънои номе, ки ба соли равон дода шуд, амин гаштем дар соҳаҳои илм, маърифат ва иқтисодиёти рақамӣ, ки низ пешравиаш бо тараққиёти фан вобастааст, корҳо дар миқёси боз ҳам васеътар ба амал татбиқ карда мешаванд.

1,8 триллион сӯме, ки барои фарогирии кӯдакон ба муассисаҳои таълими томактабӣ ҷудо мешавад, фикр мекунем, дар мустаҳкамсозии пойдевори таълиму тарбия нақши муҳим дорад. Ба ин гуна муассисаҳо ҷалбшавии 60 фоизи тифлон воқеаи муҳим аст. Бовар дорем солҳои наздик биноҳои нав сохта ва ба истифода супурда шуда, дараҷаи фарогирии кӯдакистонҳо сад фоизро ташкил менамояд. Ҷуз ин аз буҷа 130 миллиард сӯм маблағ барои аз шашсолагӣ ба дабистон ҷалбсозии кӯдакон ҷудо ва аз имкониятҳое, ки фароҳам оварда мешаванд, мактабҳои таълими хусусӣ низ истифода намоянд.

Симои шаҳру деҳоти мо бо бунёд гардидани биноҳои нав, аз ҷумла, иншооте, ки ба сифати муассисаи таълимӣ қад рост кардаанд, торафт дигаргун мегардад. Дар ҷумҳурии мо, тавре аз Муроҷиатнома дарак ёфтем, соли ҷорӣ боз 36 мактаби нав барпо ва барои он аз буҷа 1,7 триллион сӯм маблағ ҷудо карда мешавад. Куллан аз таъмир баровардани 211 муассисаи таълимӣ ба нақша даромадааст. Таъмири хушсифат, тавре мо инро дар рӯзгори омӯзгориамон баръало ҳис кардем, ба беҳтар шудани кайфияти муаллим ва хонанда, боло рафтани дараҷаи таълим мусоидат месозад.

Баробари дабистонҳое, ки таҳти ғамхории давлатанд, мактабҳои хусусӣ низ дар мамлакати мо зиёд мегарданд. Имсол ба қатори онҳо боз 55 дабистони хусусӣ зам ва миқдори умумии онҳо ба 141 адад хоҳад расид.

Омӯзгороне, ки хуб меҳнат мекунанд ва ба натиҷаҳои назаррас ноил мегарданд, рағбатнок гардонда мешаванд. Давраҳое, ки қадри «обовардаю кӯзашикаста» як буданд, яъне як хел маош мегирифтанд, гузашт. Мо низоми пардохти мукаммали меҳнатро барои омӯзгороне, ки маҳорати калони педагогӣ ва ихтисоси дахлдор дошта, дар фаъолияти худ ба натиҷаҳои мушаххас ноил гардидаанд, ҷорӣ менамоем, гуфт Президент.

Истифодаи таҷрибаи пешқадами хориҷиён низ чизи муҳим. Хуб мешуд барномаҳои таълимии мактабиамон ба меъёрҳои байналхалқӣ ҳарчи зудтар мувофиқ гардонда шаванд. Адабиётҳои таълимӣ, сифати китобҳои дарсӣ, хусусан, китобҳои дарсии тоҷикӣ, мутаассифона, ҳанӯз ба дараҷаи талабот нестанд. Тараққиёти давр тағйир додани низоми баҳогузорӣ ба хонандагонро низ тақозо мекунад. Хуб мешуд дар институтҳои бозомӯзӣ ва такмили ихтисос низ корҳо ба андозаҳои ҷаҳонӣ мувофиқ ва Низоми миллии ихтисосҳо, ки дар нақша ҳаст, зудтар корбаст, кадрҳои педагогии мо дар бозори байналхалқии меҳнат харидоргир бошанд.

Навгониҳое, ки ба вуқӯъ меоянд, аз дурахшонии фардои таълими халқ дар мамлакати рӯ ба рушди мо гувоҳӣ медиҳанд.

**Санҷар ҲИСОМОВ,**
**омӯзгори мактаби таълими умумии № 2 ноҳияи Сӯх.**

Муносибат

**_Муроҷиатномаи навбатии Президент Шавкат Мирзиёевро ба Олий Маҷлис тамоми бошандагони мамлакатамон бо рӯҳбаландӣ истиқбол гирифтанд. Дар Муроҷиатнома корҳои амалишуда ва камбудиҳои соли гузашта рӯйирост муҳокима гардида, барои соли ҷорӣ вазифаҳои муҳим пеш гузошта шуданд._**

# ТАШАББУСКОР ВА НАВОВАР БОШЕМ

Муроҷиатномаи навбатии Президентро тамоми бошандагони кишвар, аз ҷумла, омӯзгорон ва донишҷӯёни донишгоҳи мо ҳам аз самими қалб қабул карданд ва дар дили онҳо барои ободӣ ва фаровонии минбаъдаи Ӯзбекистони соҳибистиқлол эҳсоси ғуруру ифтихор бедор шуд.

Ягон соҳа нест, ки дар Муроҷиатнома мавриди баррасӣ қарор нагирифта бошад. Аз ҷумла, дар он ба илм, маърифат эътибори махсус дода шуда, қайд гардид, ки барои ривоҷёбии мамлакат илм, маърифат аз омилҳои муҳимтарин ба шумор мераванд.

Президенти кишвар дар соҳаи таълими олӣ дар баробари роҳандозии ислоҳот ҳамкорӣ бо таълими олии мамлакатҳои хориҷиро пешниҳод кард. Дар ин ҷода мо — муаллимони муассисаҳои таълими олӣ кор бурда, бояд соҳиби дониши баланд бошем ва барои кашфи донишҷӯёни соҳибистеъдод саъю кӯшиш намоем. Ҳамчунин, ташаббускор ва навовар бошем.

Инчунин, дар Муроҷиатнома пешниҳод шуд, ки соли 2020 қабули донишҷӯён ба таълими олӣ ба 25 фоиз, дар оянда ба 50-60 фоиз расонида, қабули донишҷӯён бо гранти давлатӣ ду баробар зиёд гардад.

Мо — ҷамоаи муаллимони донишгоҳ Муроҷиатномаи сарвари мамлакатамонро сармашқи кори худ қарор дода, ба омӯзиши илм ва тарбияи донишҷӯён эътибори алоҳида медиҳем, то ки ҳар як шогирди мо баъди хатми донишгоҳ фаъолияти меҳнатии худро дар мактабҳои таълими умумӣ давом дода, ҷавонони содиқи Ватанро тарбия кунанд, барои аз сафи мамлакатҳои мутараққии ҷаҳон ҷой гирифтани давлатамон саҳми босазо гузоранд.

**Рӯзимат ҶӮРАЕВ,**
**дотсент, сардори Инспексияи назорати сифати таълими Донишгоҳи давлатии Намангон.**

# МУРОҶИАТНОМА — РОҲНАМОИ ҲАЁТИ МАРДУМИ КИШВАР

(Аввалаш дар саҳ.1).

Нуктаи дигаре, ки дар Муроҷиатномаи сарвари давлат зикр шудааст, тараққӣ додани тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ аз тариқи истифодаи технологияҳои замонавии иттилоотӣ ва гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ мебошад. Дар айни ҳол тамоми бахшу соҳаҳо ба технологияҳои замонавӣ эҳтиёҷ доранд.

Тавре ки Президент таъкид кард, бояд ҷавонон ба ҳамон бахши таҳсил фаро гирифта шаванд, ки аз рӯи технологияҳои наву замонавӣ таълим дода мешавад. Он гоҳ мо ба сафи кишварҳои тараққӣ кардаву пешрафта дохил мешавем. Маҳз тарбияву таълими як миллион нафар ҷавонон дар соҳаи технологияҳои замонавӣ – барномасозҳо роҳандозии робитаҳои доманфарохро бо ҳамкорони хориҷӣ тақозо менамояд. Гузашта аз ин, ҳоло интернет бо вусъати том тараққӣ мекунад ва вақти он расидааст, ки депутати Олий Маҷлис бо интихобкунандагони худ аз ин восита низ истифода барад ва мустақиман бо онҳо дар робитаи ҳамешагӣ қарор дошта бошад. Он гоҳ мушкилиҳо сари вақт барҳам мехӯранд ва ҳаёт осудаву фаровон мегардад.

Имсол аз тарафи Президенти мамлакат "Соли рушди илм, маърифат ва иқтисодиёти рақамӣ" эълон шуд. Моро лозим аст, ки дар баробари пайваста омӯхтан ва ҷалби ҷавонон ба илму маърифат, ҳамчунин аз ибораҳои нави иқтисодиёти рақамӣ низ комилан огоҳ бошем ва дар ин бахш низ дониши худро афзун кунем.

**Гулбаҳор САИДҒАНИЕВА,**
**депутати Палатаи қонунгузории Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ӯзбекистон.**

# МАСЪАЛАҲОИ РУШДИ САЙЁҲӢ ВА ВАРЗИШ БАРРАСӢ ГАРДИДАНД

(Аввалаш дар саҳ.1).

Ба ин муносибат дар соли ҷорӣ то ба 1,7 ҳазор ва дар тӯли панҷ соли наздик то 3 ҳазор зиёд гардондани меҳмонхонаҳо тақозо мегардад. Бояд шумораи хонаҳои оилавии меҳмониро то 2 ҳазор расонд.

Аз ҳисоби ин ҳар сол камаш созмон додани 30 ҳазор ҷойҳои нави корӣ дар соҳаи сайёҳӣ ба нақша гирифта шудааст.

Дар ҷамъомад, ки дар рӯҳи таҳлили танқидӣ гузашт, чораҳое, ки бояд барои муваффақ гардидан ба нишондиҳандаҳои мазкур қабул карда шаванд, баррасӣ гардиданд.

Баробари васеъ гардондани намудҳои анъанавии сайёҳӣ зарурати рушди самтҳои нави он таъкид гардид.

Оид ба рушди сайёҳии табобативу профилактикӣ бинобар чунин самтҳо, мисли кардиология, урология, стоматология, офтолмология, ки мамлакатамон нерӯи бузург дорад, инчунин ҷалб намудани сармоягузорони стратегӣ ба муассисаҳои санаториву курортии Ӯзбекистон супоришҳо дода шуданд. Имкониятҳои ба роҳ мондани ҳамкории наздик бо иттифоқҳои касабаи мамлакатҳои ИДМ ва якбора зиёд гардондани шумораи сайёҳон зикр гардид.

Ба Кумитаи давлатии оид ба рушди сайёҳӣ ва Вазорати маданият супурда шуд, ки миқдори объектҳои ба хатсайрҳои сайёҳӣ воридшударо соли ҷорӣ то 800 ва дар соли 2025 то 2,5 ҳазор расонанд.

Муҳим будани татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар солҳои 2020-2025 оид ба рушди сайёҳии зимистона қайд гардид.

Паст будани сифати хидматгузорӣ дар самолётҳо ва поездҳо, гарон будани билетҳо боиси эътирози асосноки мусофирон мегардад. Дар натиҷа аксарият хидмати мусофиркашонони хориҷиро интихоб менамоянд. Дар ҷамъомад зикр ёфт, ки мусофиркашонони роҳи оҳан ва ҳавоии ватанӣ ба рақобат тоб оварда наметавонанд.

Ба Вазорати нақлиёт ва Кумитаи давлатии сайёҳӣ оид ба самарабахш истифода бурдан аз тартиби «осмони кушод», ки дар чор аэропорти мамлакат ҷорӣ карда шудааст, кушодани хатсайрҳои нави ҳавоӣ, афзун гардондани шумораи поездҳои тезгард, коҳиш додани нархи билетҳо супоришҳо дода шуданд.

Инчунин ба масъалаҳои рушди инфрасохтори сайёҳии наздироҳӣ, татбиқи лоиҳаҳои «Деҳаи сайёҳӣ», «Авули сайёҳӣ» ва «Маҳаллаи сайёҳӣ» низ табодули назар карда шуд.

Соли гузашта киноширкатҳои хориҷӣ дар мамлакатамон шаш филмҳои бадеии арзишаш 1,6 миллион долларро ба навор гирифтанд. Дар ҷамъомад таъкид гардид, ки ба роҳ мондани низоми аз ҷониби Ӯзбекистон ҷуброн намудани як қисми хароҷотҳои наворгирии ширкатҳои хориҷӣ ба рушди сайёҳии маданӣ такони бузург бахшида, инчунин ба баланд бардоштани обрӯи мамлакатамон дар арсаи байналхалқӣ хидмат мекунад.

Ба Агентии миллии «Ӯзбеккино» бинобар рушди ҳамкорӣ бо ширкатҳои кинои хориҷӣ, ҷорӣ кардани механизмҳои ташкили наворгирӣ дар ҳудуди мамлакатамон супориш дода шуданд.

Дар рафти баррасии масъалаи тайёр кардани кадрҳо барои соҳаи сайёҳӣ мавҷуд будани масъалаҳои ҳалталаб дар ба роҳ мондани низоми тайёркунии кадрҳои ихтисосҳои корӣ дар 20 мактабҳои олӣ, инчунин дар 3 техникумҳо ва 9 коллеҷҳои тобеи Кумитаи давлатии сайёҳӣ таъкид гардид. Оид ба ҷорӣ намудани таҷрибаи пешқадам ба ҷараёни таълим вазифаҳо муайян шуданд.

Дар ҷамъомад инчунин масъалаҳои рушди соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш баррасӣ гардиданд.

Барои рушди минбаъдаи соҳа Фармони Президент «Дар бораи чораҳо оид ба минбаъд такмил додан ва оммавӣ гардондани тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон», ки 24 январи соли ҷорӣ қабул шудааст, асоси мустаҳкам гардид.

Мувофиқи фармон оид ба ташкил кардани низоми ташаккул додани захираи хушсифати варзишӣ бо роҳи ба 3 намуди варзиш махсусонида шудани тамоми ноҳияву шаҳрҳо чораҳо муайян шуданд.

Дар соли ҷорӣ вазифаи сохтани 269 майдони футбол, волейбол, баскетбол ва бадминтон, 178 толорҳо барои бокс, гӯштӣ, фитнес ва гимнастика, 32 корти теннис гузошта шуда, манбаъҳои дақиқи бо маблағ таъмин намудани онҳо муайян шуданд.

Дар ҷамъомад масъалаҳои ба иҷрои фармони мазкур алоқаманд баррасӣ гардиданд.

Ба Вазорати тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш супурда шуд, ки якҷоя бо Вазорати сохтмон бинобар тайёр кардани лоиҳаҳои намунавӣ оиди дар ноҳияҳо бунёд намудани иншоотҳои варзишӣ бо истифодаи масолеҳи арзон ва сарфакунандаи энергия хоҳишмандонро муайян намояд.

Зарурати соли ҷорӣ то 18 фоиз, дар соли 2025 то ба 30 фоиз расондани шумораи аҳолие, ки мунтазам бо тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш шуғл меварзанд, инчунин ба варзиши оммавӣ ҷалб намудани камаш 30 фоизи бачаҳо ва ҷавонони аз 7 то 30-сола таъкид гардид.

Муҳим будани рушди сайёҳии варзишӣ ба воситаи дар мамлакат баргузор намудани чемпионатҳои ҷаҳонӣ ва қитъавӣ, дигар мусобиқаҳои бонуфузи варзишӣ зикр гардид.

Муҳим будани минбаъд ривоҷ додани намудҳои миллии варзиш, аз он ҷумла кураш, ки ба барномаи Бозиҳои олимпӣ дохил гардидааст, қайд гардид.

Дар ҷамъомад ба масъалаи тайёр намудани варзишгарон ба Бозиҳои олимпӣ ва паралимпии соли 2020 дар Токио эътибори алоҳида дода шуд.

Аз рӯи масъалаҳои баррасигардида шахсони масъул ахбор доданд.

**ӮзА.**

# ДАР ЯК ҲАФТА БА ДУ КОРХОНА ХИШТИ АВВАЛ ГУЗОШТА ШУД

**_Ба наздикӣ дар мавзеи Зарафшони ноҳияи Чуст ба сохтмони заводи симон хишти аввал гузошта шуд. Арзиши умумии лоиҳа 20 миллион доллари Амрико буда, дар 6,3 гектар замин аз тарафи бинокорони ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Faktory cement» қад рост мекунад._**

– Баъди ба кор андохта шудани корхона, дар зарфи як сол 300 ҳазор тонна маҳсулот истеҳсол гардида, 200 нафар бо кори доимӣ таъмин мегарданд, – гуфт директори завод Абдураҳим Муродов.

Завод бо таҷҳизоти ҳозиразамони «Henon Huohang»-и Чин ҷиҳозонида шуда, моҳи декабри соли 2020 ба фаъолият шурӯъ мекунад.

Инчунин дар ҳудуди ноҳияи Тӯрақӯрғон ба сохтмони корхонаи муштараки хориҷии «Heng Bang Textile Central Asia» таҳкурсии аввалин гузошта шуд.

Корхонаи мазкур аз партовҳои корхонаҳои дӯзандагии ҷумҳуриамон калоба истеҳсол мекунад. Он дар 18 гектар воқеъ буда, нафақат дар вилояти Намангон, балки дар кишварамон ягона корхонаи калони бофандагӣ ба шумор меравад. Дар ин ҷо 1200 нафар ба ҷойи кори доимӣ таъмин хоҳанд гашт.

**А. МУРОДОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти НАМАНГОН.*

**_Дар фурудгоҳи байналмилалии Кувайт шоуи "Aviation Show 2020" баргузор гардид, ки як қатор чорабиниҳои фарҳангиро дар бар гирифт. Намояндагони сафорати кишвари мо дар Кувайт иштирокчиёни яке аз ин чорабиниҳо гаштанд, ки ба он шахсони мансабдор, соҳибкорон, зиёиёни эҷодкор, ҷомеа ва ВАО даъват карда шуданд._**

# ИМКОНИЯТҲОИ САЙЁҲИИ ӮЗБЕКИСТОН ДАР КУВАЙТ МУАРРИФӢ ШУДАНД

Ҳамин тавр, дар макони яке аз ин чорабиниҳо стенди миллии Ӯзбекистон кушода шуд, ки иқтидори фарҳангӣ ва сайёҳии кишварро муаррифӣ мекунад, бо мероси таърихӣ ва маънавӣ ва рушди муосири он шинос менамояд. Меҳмонон ба таърих ва анъанаҳои халқи Ӯзбекистон, нақш ва саҳми Ӯзбекистон дар рушди тамаддун таассуроти самимӣ ва таваҷҷӯҳи зиёд изҳор намуданд.

– Мероси ғании маънавии халқи Ӯзбекистон, ёдгориҳои меъморӣ барои тамоми инсоният бебаҳо мебошанд, — мегӯяд **президенти авиатсияи шаҳрвандии Кувайт Шайх Салмон ас-Сабоҳ.** – Мо Ӯзбакистонро ватани Имом Бухорӣ медонем. Ин ҳама дар шароити муосир барои ҳам кишвар ва ҳам меҳмонони он имкониятҳои бузурги сайёҳиро боз мекунад.

— Кори муттасили идомаи рушди соҳаи сайёҳӣ, ки ҳамчун яке аз бахшҳои муҳими иқтисодиёти Ӯзбекистон муайян шудааст, сазовори баҳои баланд аст, — гуфт **раиси ширкати "Asbar for General Trading & Cont. Co." Недел ал-Осим**.

— Мо сиёсати пешгирифтаи кишварро, ки ҷорӣ намудани низоми вуруди бидуни раводидро барои шаҳрвандони зиёда аз 80 давлат дар назар дорад, дастгирӣ менамоем. Фикр мекунам, ки дар Ӯзбекистон барои муваффақиятҳои бузург дар ин самт тамоми заминаҳо мавҷуданд. Ин ҳам ҷуғрофияи беназир ва ҳам нақши таърихӣ дар Роҳи бузурги абрешим ва иқлими мусоид, муҳимтар аз ҳама — одамони аҷиб аст.

— Девораи миллии Ӯзбекистон дар чорабинии имрӯза муваффақияти калон дорад, – қайд кард **ташкилкунандаи "Kuwait Aviation Show 2020" Нермин ал-Усома**. – Бисёре аз меҳмонон хоҳиши сафар кардан ба кишвар, шаҳрҳои таърихӣ ва тамошобоби онро доштанд. Мо якҷоя бо сафорати ин кишвар, барои пешрафти имконоти фарҳангӣ ва сайёҳии Ӯзбекистон фаъолона кор хоҳем кард.

**АИ «Дунё»,**
*АЛ-КУВАЙТ.*

## Ду хабар аз ноҳияи Сирдарё

**_Яке аз шартҳои муҳими парвариши агротехникии пахта сари вақт обёрӣ намудани ниҳолҳои ғӯза аст. Агар ниҳолҳои обталабро ҳафтае дер обёрӣ кунед, миқдори муайяни ҳосилро аз даст медиҳед ва агар ғӯзаҳо дар давоми парвариш аз об сер нашаванд, ҳосилатон санг зер намекунад._**

Пӯшида нест, ки дар давраи ҳосилзамкунӣ бобати бо об таъмин кардани ниҳолҳои пахта барои пахтакорон душвориҳои зиёде пеш меоянд. Ин муаммои нав нест ва гумон аст, ки дарояндаи наздик бартараф шавад. Бинобар ин идораҳои дахлдори соҳаи пахтакорӣ дербоз роҳҳои нав ба нави сарфа кардани обро ҷустуҷӯ мекунанд, таҷрибаҳо мегузаронанд.

Корхонаи "Сирдарё котен кластер"-и ноҳияи Сирдарё соли 2018 панҷоҳ гектар заминро бо усули қатраоб обёрӣ намуда, аз ҳар гектари он 45 сентнерӣ ҳосили пахта рӯёнда буд. Соли сипаригашта онҳо ин таҷрибаро дар 90 гектар замин такрор карданд. Натиҷа аз аввала ҳам беҳтар гардид. Аз ҳар гектар 50 сентнерӣ ҳосил рӯёнда шуд.

Дар майдонҳое, ки бо чунин усул кор бурда мешавад, ҳосил 15-20 рӯз пештар пухта мерасад. Аз ҳар гектар андаряк 700-800 метри мукааб об сарфа гардида, маводи сӯзишворӣ се баробар камтар сарф карда мешавад.

Пахтакорони кластер ният доранд, ки соли ҷорӣ низ боз бештар майдонҳоро бо чунин усул обёрӣ кунанд.

***

**_Кирмакпарварӣ аз қадим аз соҳаҳои сердаромад ва кори дӯстдоштаи мардуми деҳот буд. Аммо замоне ин соҳа аз эътибор дур монд. Ҳатто кирмакпарварон музди меҳнаташонро гирифта натавониста, сарсону саргардон шуданд... Аммо аз соли 2017, пас аз эътибори махсуси сарвари мамлакат ба ин соҳа, кор ранги дигар гирифт._**

Соли 2018 дар ноҳияи Сирдарё корхонаи"Агро глобал" таъсис ёфт. Ин корхона аз тайёркунии тухми пила то чида гирифтану онро ба матои хушсифати абрешимӣ табдил додан, яъне тамоми ҷараёни ин корро ба ӯҳдаи худ гирифт. Бо ҳамин мақсад дар ноҳияҳои вилоят 18 пиллахонаи замонавӣ сохта, дар 400 гектар замин тутзор ташкил карда шуд. Алҳол дар вилояти Сирдарё дар як сол се-чор маротиба парвариши кирми абрешим ҳамчун таҷриба ба роҳ монда шудааст.

Арзиши лоиҳаи фабрикаи истеҳсоли матои абрешим 5 миллион доллари ИМА-ро ташкил мекунад. Пас аз пурра ба кор даромадани он пешбинӣ шудааст, ки ҳар сол маҳсулоти тайёр ба маблағи 10 миллион доллари ИМА содир карда шавад. Ғайр аз ин 10 ҳазор нафар бо кор таъмин мешаванд.

Ҳоло корхона 500 тонна пиллаи дар вилоят истеҳсолшударо аз нав кор мекунад. Зиёда аз 100 нафар бо кори доимӣ таъмин мебошанд.

**Тӯхтамиш БОҚИЕВ,**
**хабарнигори "Овози тоҷик" дар вилояти Сирдарё.**

Қарори Президент — дар амал

# НБГ-И ХУРД БА МАҚСАДҲОИ БУЗУРГ ХИДМАТ МЕКУНАД

**_Ёд дорам, ки чанд сол қабл роҳбари яке аз корхонаҳои Ӯзбекистону Чин ғазабашро базӯр фурӯ нишонда дар ҷаласаи ҳукумати вилоят ба ҳоким муроҷиат карда буд: «Ҷаноби ҳоким, мо корхонаро мебандем ва ба ватанамон бармегардем. Дар ин ҷо кор кардан ғайриимкон аст. Ҳар рӯз 5 -6 маротиба барқ хомӯш мешавад. Мошинҳо кор намекунанд, пул ба бод меравад, ин чӣ бесарусомонист, ман намефаҳмам...»_**

Воқеан, тӯли солҳои зиёд мардум аз кори низоми истеҳсол ва таъминоти нерӯи барқ, ки мо аз собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ба мерос гирифтаем ва дар ҳар самт пешрафти илмию техникӣ ва демографӣ боқӣ гузоштанд, азият мекашид.

Дар ин замина, дар кишвари мо ҳамчун самти афзалиятноки стратегияи иқтисодӣ ба рушди соҳаи электроэнергетика, ки яке аз омилҳои муҳими таъмини некӯаҳволии мардум мебошад, эътибори калон дода мешавад. Ин дар лоиҳаҳои навсозӣ ва сохтмони нерӯгоҳҳои барқии обӣ ва гармӣ, ки дар асоси қарорҳои дахлдори сарвари давлати мо амалӣ мегарданд, инъикос ёфтааст.

Ҳамин тавр, дар вилояти Намангон, нерӯгоҳи барқиву гармидиҳии Тӯрақӯрғон бо арзиши лоиҳавии 1 миллиарду 200 миллион доллар ва иқтидори 900 мегават қувваи барқ ба кор даровварда шуд. Имрӯз нерӯи барқе, ки дар ин корхона истеҳсол мегардад, ба таври мунтазам ба истеъмолкунандагон расонида мешавад. Илова бар ин, оид ба лоиҳаҳои ташкили манбаъҳои муқобил, барқароршавандаи энергия корҳо пайваста идома доранд.

Қарори Президенти кишвар аз 2 майи соли 2017 «Дар бораи Барномаи тадбирҳои рушди минбаъдаи гидроэнергетика барои солҳои 2017-2021» дар ин самт марҳилаи нав оғоз кард. Он вазифаҳои таъхирнопазирро барои истифодаи оқилона ва самарабахши захираҳои обӣ, ташкили манбаъҳои барқароршавандаи энергия, иқтидорҳои истеҳсолии нав ва аз ҷиҳати экологӣ тоза, навсозии нерӯгоҳҳои мавҷудаи обӣ, идоракунии самарабахши захираҳои об бо назардошти рушди мунтазами таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ ва пурра қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти аҳолӣ ва корхонаҳо ба нерӯи барқ муайян менамояд.



Тибқи номгӯи лоиҳаҳои пешомадноки сармоягузории ҶС «Ӯзбекгидроэнерго» оид ба бунёди нерӯгоҳҳои барқии обии мавҷуда, каскади нерӯгоҳҳои барқии обии хурд, ки дар канали калони Фарғонаи ҳудуди ноҳияи Тӯрақӯрғони вилояти Намангон сохта шудааст, имрӯзҳо барои бо қувваи барқ таъмин намудани истеъмолкунандагон хидмат мекунад.

– Имрӯз, вақте ки мушкилоти захираҳои сӯзишворию энергетикӣ аҳамияти ҷаҳонӣ пайдо мекунад, муболиға нахоҳад шуд, гӯем, ки сохтмони ин иншоот аҳамияти бузурги иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ҳатто сиёсӣ дорад, — гуфт ҳокими вилояти Намангон Х. Бозоров дар чорабинӣ бахшида ба ифтитоҳи ин нерӯгоҳи барқӣ. – Тасаввур кардан душвор аст, ки аз канали калони Фарғона, ки тақрибан як аср пеш сохта шуда буд, чӣ қадар об ҷорӣ шудааст. Тавре ки мегӯянд, мо он чизе, ки дорем, қадр намекунем. Аз ин рӯ, мо аз канал танҳо ба сифати манбаи обёрӣ ва оби нӯшокӣ истифода мебурдем. Ба гуфти Президенти кишвар, вақти он расидааст, ки аз ҳолати рукуд бароем, ки мо онро барои худ дар мисоли ин нерӯгоҳи барқии обӣ мебинем. Аз қаламрави ноҳияи Учқӯрғон 8 дарё ва канал мегузаранд, ки тавассути он мо даҳҳо лоиҳаҳоро амалӣ карда истодаем ва аз ҳисоби созмон додани манбаъҳое, ки энергияи сӯзишвориро тақозо намекунанд, некӯҳолии мардуми вилоятро баланд мебардорем.

Каскад аз ду НБО-и хурди иқтидори умумиашон 12 мВт иборат аст, ки дар қаламрави ПК 142 то ПК 184 канали калони Фарғона сохта шудааст. Сохтмон 72,89 миллион киловатт-соат нерӯи барқ истеҳсол мекунад. Ин имкон медиҳад, ки 48 ҳазор хонадони ноҳияи Учқӯрғон бо энергияи аз ҷиҳати экологӣ тоза ва барқароршаванда таъмин карда шавад.

Арзиши умумии лоиҳа, ки асосҳои техникӣ ва иқтисодии онро ҶС «Гидропроект» таҳия кардааст, 31 миллион долларро ташкил медиҳад, ки 22,3 миллион доллараш аз ҶС «Ӯзбекгидроэнерго», боқимонда аз Эксимбонки Ҷумҳурии Мардумии Чин аст.

Сохтмони силсилаи нерӯгоҳҳои барқии обии хурд, ки моҳи июни соли 2017 аз ҷониби пудратчии асосӣ – корхонаи воҳиди «To`palang hpd buildig» оғоз гирифта буд, дар муддати кӯтоҳ анҷом ёфт. Дар корҳои васлкунӣ ва истифодабарӣ корхонаҳои "Нерӯгоҳи барқии обии Андиҷон", "Фарғона автомат ҳисоб", "Махсус Гидро Энерго Монтаж", "Андиҷон Гидро Энерго Монтаж", "Эсан", "Ӯзбекгидроэнергоқурилиш" иштирок карданд.

Бо кӯмаки 52 василаи азими махсуси техникӣ, ки ба ҷараён ҷалб карда шудаанд, 793 ҳазор метри мураббаъ корҳои заминӣ ва 57,6 ҳазор метри мураббаъ корҳои бетонӣ анҷом дода шуданд. Барои сохтани иншоот 1 ҳазору 776 тонна арматура, 20,4 тонна арматураи таркибӣ, 293 тонна конструксияҳои металлӣ истифода шуданд.

Нерӯгоҳҳои барқии обии хурд бо таҷҳизоти механикӣ ва электрӣ, ки аз ҷониби ширкатҳои ҷаҳонӣ аз қабили «Junda», «Huaxin», «TBEA», «Hanzhong», «PEARL», «Pinggao», «Sieyuan», «Arteche», «Jinguan», "Fushun" истеҳсол шудаанд, муҷаҳҳаз гардидаанд. 4 турбина, ки унсурҳои муҳими нерӯгоҳ мебошанд, аз ҷониби "Dongfang Electric Corporation" истеҳсол карда шудааст.

– Ҳоло мо дар як рӯз 140 мегават қувваи барқ тавлид мекунем ва ба истеъмолкунандагон расонда медиҳем», – мегӯяд директори корхонаи воҳиди силсилаи нерӯгоҳҳои барқии обии канали калони Фарғона А. Камолов. – Ин 50 фоизи иқтидори умумӣ аст. Аз ҳисоби таҷдиду барқарорсозии сарбанди Кӯйганёр дар Қародара, каскад то ҳол бо нисфи иқтидор кор мекунад. Пас аз таъмир, мо ба иқтидори пурра мегузарем.

**А. САТТОРОВ, мухбири ӮзА.**
**Суратгир: Ҳ. МАМАДАЛИЕВ (ӮзА).**

Ба 600-солагии маҷмӯаи Регистон

# ҚАЛБИ САМАРҚАНД — РЕГИСТОН

***Имсол ба бунёди иншооти машҳури Самарқанди бостонӣ – Регистон 600 сол пур мешавад. Асосгузори он ҳокими ҳамон давр – олими маъруфи ситорашинос Мирзо Улуғбек буд.***

***Мусоҳибаи мо бо бостоншинос, мудири музей-ташхисхонаи илмию амалии Донишгоҳи давлатии Самарқанд Раҳим Қаюмов доир ба таърихи Регистон буд.***

***Бояд таъкид намуд, ки Раҳим Қаюмович пас аз хатми Донишгоҳи давлатии Самарқанд тамоми умри худро ба бостоншиносӣ бахшидааст. Вай аз устодонаш Роза Мукашева, Ким Самеъбоев, Маҳмуд Аминов, Солеҳ Акрам, Абдухалил Набиев ва дигарон бисёр чизҳоро омӯхт, ки баъдан барои корҳои илмӣ кӯмак карданд.***

– Солҳои донишҷӯӣ ва кор дар осорхона-мамнӯъгоҳи давлатии Самарқанд, – гуфт Раҳим Қаюмович, – бо академик, инсони ниҳоят хоксору фароҳдил, шодравон Ботурхон Валихоҷаев доир ба илму маърифат, алалхусус хидматҳои Мирзо Улуғбек дар рушди илму фарҳанги Самарқанд баҳсу мунозираҳо доштем. Устод Ботурхон Валихоҷаев исбот карда буданд, ки аввалин мактаби олиро маҳз Мирзо Улуғбек ташкил карда, ба донишҷӯён ҳатто стипендияи имрӯза – ёрдампулӣ додааст.

**– Оё маҷмӯаи Регистон аввал ҳам буд?**

– Дар ҷойи ҳозираи майдони Регистон қабл аз сохтмони иншоотҳои муҳташам бозор, дуконҳои ҳунармандӣ, устохонаю шохобчаҳои хидмати маишӣ, корвонсарой, чойхона ва ғайра вуҷуд доштаанд. Дар оғози асри XV Регистон ҳамчун маркази савдою ҳунармандӣ шуҳрат дошт. Дар давраи ҳукмронии Амир Темур мадрасаҳои Фирӯзшоҳ, Муҳаммад Султон, Қутбиддин Садр, Бибихонум ва ғайра қад афрохтанд. Пас аз марги Соҳибқирон корҳои сохтмонро Мирзо Улуғбек идома дод. Бо вуҷуди бисёр будани мадрасаҳо вай соли 1417 ба бунёди мадрасаи Кӯксарой оғоз бахшид. Барои сохтмони маркази илму фарҳанг беҳтарин меъморону муҳандисони Мовароуннаҳр ва Хуросонро ҷалб намуд, ки дар байни онҳо Ғиёсиддини Кошӣ, Муҳаммад ибни Маҳмуди Исфаҳонӣ, Юсуфи Шерозӣ ва дигарон буданд. Ба кори сохтмон Мирзо Улуғбек ва Қозизодаи Румӣ сарварӣ мекарданд.

Мадрасаи Самарқанд аз ин гуна иншооти Бухорои шариф (1417) ва Ғиҷдувон (1433) муҳташаму калонтар буд. Сатҳи умумии мадраса 81x86 метрро ташкил мекард. Мадраса росткунҷа буда, даромадгоҳи он бо пештоқи муҳташами мунаққашу хотамкорӣ зиннат ёфтааст. Аз ду паҳлӯи пештоқ ду қатор тоқҳои гулкорӣ сохта шудаанд. Гирдогирди ҳавлии он аз ҳуҷраҳои дуқабатаи айвончадор иборатанд. Дар 56 ҳуҷра дунафарӣ донишҷӯён зиндагӣ кардаанд, ошёнаи боло хобгоҳ ва поён дарсхона буд. Пас аз сохтмон беш аз сад нафар толибилм аз суҳбат гузашта ба хондан қабул мешуданд. Ҳарчанд садри мадраса Салоҳиддин Мӯсо Қозизодаи Румӣ буд, гоҳ-гоҳ Мирзо Улуғбек низ дар суҳбати эшон менишаст ва аз саволу ҷавобҳои устоду шогирдон огоҳ мешуд. Тавре ки академик Ботурхон Валихоҷаев дар асарҳои илмию тадқиқотии худ доир ба мадрасаи Мирзо Улуғбек қайд кардааст, таҳсил дар ин мактаб аз моҳи сентябр оғоз ёфта, моҳҳои март-апрел ба поён мерасид. Баъзе толибилмон фасли тобистон дар мадраса монда таҳсилро идома медоданд. Муддати илмомӯзӣ аз 8 то 16 сол буда, ба қобилияти талаба вобастагӣ дошт. Ба лаёқати шогирдон нигоҳ карда маблағ ва хӯрок медоданд. Баъди ба поён расидани таҳсил ба хатмкунандагон ҳуҷҷат месупурданд ва онҳо дар мадрасаҳо, идораҳои гуногун фаъолият мебурданд.

**– Аҷиб, аз омӯзгорону хатмкунандагон номи киро бо ифтихор ба забон овардан мумкин аст?**

– Дар тӯли 500 сол дар мадрасаи Мирзо Улуғбек алломаҳо Абдураҳмони Ҷомӣ, Хоҷа Файзуллоҳи Абулайс, Шамсиддин Муҳаммади Балхӣ, Алоуддин Алӣ Қушчӣ, Давлатшоҳи Самарқандӣ, Ҳусайн Бурдҷонӣ, Ғиёсуддини Кошӣ ва дигарон таҳсил гирифта ва баъд сабақ додаанд, ки ин дар китобҳои таърихӣ сабт ёфтааст.

**– Доир ба азнавсозии маҷмӯи Регистон чӣ гуфта метавонед?**

– Дар асри XV дар тарафи Шарқии майдони Регистон хонақоҳ ва мадрасаи Улуғбек боқӣ мондааст. Ҳангоми азнавсозии Регистон (асри XVII) биноҳои дигарро вайрон карда, ба ҷойи онҳо мадрасаи Шердор қад афрохт (1619-36), ки услубан ба мадрасаи Мирзо Улуғбек хеле шабоҳат дорад. Пештоқи он чун пештоқи мадрасаи Улуғбек буда, меъмор тавонистааст маҷмӯи ягонаи биноҳои ба ҳам мутаносибу мутавозиро ба миён орад. Дар пештоқи он сурати шоҳи ҳайвонот – шери ба ғизоли хушандом ҳамлавар, дар паси вай хуршеди дурахшон бо рангҳои гуногун нақшу нигор шудаанд. Дар ороиши мадраса нақшҳои ислимӣ, оятҳо аз Қуръони карим истифода гардидаанд.

Дертар (с. 1646-60) дар ҷойи корвонсаройи мирзоӣ мадрасаи Тиллокорӣ қад афрохт, ки то имрӯз бидуни тағйирот диққати сайёҳонро ба худ мекашад. Воқеан мадрасаи мазкур бо пештоқи аҷоибаш аз ду мадрасаи ҳамшафати худ фарқ мекунад. Умуман, маҷмӯи Регистон бо усули кошикорӣ, гаҷкорӣ, мунаббаткорӣ ва кандакорӣ оро ёфтааст.

Дар шафати масҷиди Хоҷа Аҳрори Валӣ ёдгориҳои Нодир Девонбегӣ мавҷуд буда, онро Регистони хурд низ меноманд.

Боиси ифтихор аст, ки файласуф ва шоир Умари Хайём, шоир ва мутафаккири бузург Алишери Навоӣ ҳам дар мадрасаи Мирзо Улуғбек таҳсил гирифта ба шогирдон сабақ додаанд.

**– Раҳим Қаюмович ба муносибати 600-солагии маҷмӯи Регистон чӣ гуна нақшаҳо пешбинӣ шудаанд?**

– Донишгоҳи давлатии Самарқанд, маъмурияти музей-мамнӯъгоҳи вилоят тасмим гирифтаанд, ки ба муносибати ҷашни пуршукӯҳи маҷмӯаи Регистон тадбирҳои байналхалқӣ гузаронанд. Аллакай корҳои тайёрӣ оғоз ёфтанд. Дар омади гап таъкид кардан ҷоиз аст, ки ҳар гоҳ сарвари давлатамон ба Самарқанд ташриф фармоянд, албатта, ба зиёрати маҷмӯи Регистон омада, барои таъмиру тармиму ба авлоди оянда нигоҳ доштани он маслиҳатҳои муфид медиҳанд. Соли гузашта анҷумани «Таронаҳои Шарқ» гузашт ва дар он Президент Шавкат Мирзиёев иштирок доштанд. Ин барои мо, самарқандиҳо бахти бузург аст. Қалби Самарқанд – Регистон ҷойи дӯстдоштаи мардум аст. Онро ҳамчун гавҳараки чашм эҳтиёт кардан ҳам қарзу ҳам фарз.



Суҳбаторо
**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти САМАРҚАНД.*

# ҲИММАТБАЛАНДӢ ФАЗИЛАТИ БЕҲТАРИНИ ИНСОН АСТ

***(Андешаҳо баъди маъракаи обуна)***

Камина ҷонибдори обунакунии маҷбурӣ нестам. Дил мехоҳад, ки ҳар кас ба нашрияи дилхоҳ ё дӯстдоштаи худ обуна шавад.

Вале дар воқеият муносибат ба ин маърака чӣ гуна аст? Ҳамоно фаромӯш накардаем. Замони салтанати шӯроҳо, ки нархи маҷаллаву рӯзнома нисбатан арзон буду ҳар яки мо бо ихтиёри худ ба чандин газетаву журнал обуна мешудем, тартиби «ихтиёрию маҷбурӣ»-и обунакунӣ дар ташкилоту корхона, мактабу муассиса, колхозу совхоз амал мекард.

Солҳои соҳибистиқлолии мамлакат, аниқтараш ду сол муқаддам, идораю корхона, раёсату ташкилот, муассисаю таълимгоҳҳо мувофиқи тавсиянома, нақшаи таҳиянамудаи идораҳои болоӣ (вазорату ҳокимият) бо назардошти имконият обуна мешуданд. Вазъи обунашавии онҳо аз ҷониби мутасаддиён кор як андоза назорат мегардид. Албатта, бо вуҷуди супориш «аз боло» маҳдудии имкониятҳои иқтисодии корхонаҳо намегузошт, ки ҷамоаҳо ба даҳҳо рӯзномаю маҷаллаҳои тавсияшуда пурра обуна шаванд.

Аз ин рӯ, онҳое (нашрияҳо), ки мавсими обуна бештар давтоз мекарданд, ба натиҷаи бештар ноил мешуданд. Рост аст, ки бо вуҷуди тақсимоти пешбинишуда вазъи иҷрои обунаи на ҳамаи рӯзномаҳо назорат карда мешуд.

Ба ҳар ҳол аз қатори «рӯзномаҳои назоратӣ» ҷо гирифтани «Овози тоҷик» ба мо имконият медод, ки ба дарҳои кушоди шаҳру ноҳияҳои вилоят бо навбат сар халонда то андозае комёб шавем.

Аз боло ихтиёрӣ гуфта шудани масъалаи обуна, аз афташ ба аксарият маъқул омад. Вале... Ин, албатта, маънои обуна нашуданро надорад. Ба гумонам, ҳар як инсони худогоҳ, илмдӯсту фарҳангдӯст, хусусан зиёӣ рӯзгори худро бе мутолиаи китобу рӯзнома тасаввур карда наметавонад.

Омӯзгор бояд дар ин бобат ба дигарон намунаи ибрат гардад. Лоқайдӣ, беэътибории муаллим ба мутолиа ба бӯҳрон, инқирози маънавӣ рӯ овардани ӯро собит мекунад, зеро педагоги машҳури рус Ушинский беҳуда нагуфтааст: «Агар омӯзгор омӯхтанро қатъ намояд, қобилияти муаллимии вай низ аз байн меравад».

Мо – тоҷикон, ки яке аз қавмҳои қадимитарини ҳамин сарзамин ҳастему мероси маънавии чандинҳазорсола дорем, бояд қадри хеш ва забони модариамонро донем. Ӯзбекистон ватани аслии мост ва дар ин ҷо дар қатори як идда имкониятҳо 95 сол боз чоп шудани рӯзномаи марказии «Овози тоҷик» барои ҳар яки мо – ҳамзабонон бояд мояи ифтихор бошад.

Мутаассифона аз он чизе, ки метарсидем, ниҳоят ба сарамон омад. Масъалаи обунаи ягона рӯзномаи тоҷикии сартосарии ҷумҳурӣ «Овози тоҷик» мухлисону хайрхоҳонашро ду соли охир ба ташвиш гузоштааст.

Бояд эътироф намуд, ки соли гузашта дастгирии моддии фонди «Маҳалла» як андоза эҳсос шуда буд. Имсол бошад, аҳвол аз порсола ҳам мураккабтар шуд.

Мурофиатномаи ҳайати таҳририяи рӯзнома таҳти унвони «Нагузоред, ки рӯзномаи «Овози тоҷик» пӯшида шавад» вуҷуди ҳар яки моро ба ларза овард. Бовари кас намеояд, ки ба тақдири шиносномаи тоҷикони ҷумҳурӣ – рӯзномаи «Овози тоҷик» ҳамзабону ҳамқавмҳоямон ин қадар бепарвоянд. Бисёриҳо хуб медонанд, ки аксарияти аҳолии вилояти Бухоро тоҷикон ва тоҷикзабононанд. Чанд сол муқаддам дар вилоят миқдори обунашавандагон ба «Овози тоҷик» ба 1000-1600 нафар мерасид. Бо вуҷуди ин, масъалаи обуна ба рӯзномаи тоҷикӣ дар вилояти мо чандон кори осон нест. Сабаби ба рӯзномаи ӯзбекӣ табдил ёфтани «Бухорои шариф»-ро чанд сол муқаддам мутасаддии ҳамонвақтаи он раҳматӣ Исо Раҷабов дар камии обуна гуфта буд.

Пӯшида нест, ки имрӯз дар Бухорои шариф на фақат тоҷику ӯзбек, балки дигар миллатҳои маскуни он, аз ҷумла қавмҳои аврупоӣ низ ба лаҳни тоҷикӣ ҳарф мезананд. Вале ба рӯзномаи тоҷикӣ кам обуна шудани онҳо сабабҳои объективию субъективӣ дорад. Яке аз сабабҳои асосӣ ба забони модариашон таълиму тарбия нагирифтани тоҷикон мебошад.

Мегӯянд, ки солҳои 60-уми қарни гузашта дар вилоят 120 мактаби тоҷикӣ буд. Солҳои 2000-ум 15-тои онҳо (минбаъд тоҷикию ӯзбекӣ) фаъолият дошт. Ҳоло бошад, ду синф мондааст. Омилҳои гуногун, аз ҷумла ба сабаби ба забони модарӣ дастрас набудани таълим дар коллеҷу мактабҳо даҳҳо омӯзгорони забон ва адабиёти тоҷик бекор монданд, ихтисосашонро дигар карданд.

Хушбахтона, бо шарофати сиёсати оқилона ва инсонпарваронаи Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон, муҳтарам Ш. Мирзиёев ниҳоят саҳву камбудиҳои роҳдодашуда ислоҳ гардида, эътибор ба дӯстии халқҳо беш аз пеш меафзояд. Боз савту сурудҳои пурҷозибаи мардумии бухороиён ба воситаи радиою телевизион ба забони асл танин андохта дили мухлисонашро ба ҷӯш меоранд. Бо вуҷуди ин, барои ислоҳи таъсири манфии даҳсолаҳо вақти зиёд лозим аст. Беҳуда нагуфтаанд: «Моргазида аз ресмони ало метарсад». Ҳама чизро вайрон кардан, аз байн бурдан осон, вале аз нав сохтан, барқарор намудани он мушкил аст. Имрӯз «Овози тоҷик» ниёзманди дастгирист. Шояд рӯзе мерасад, ки ба ин ҳоҷат намемонад. Мушкилӣ дар он аст, ки на ҳама «аз вазъи бисёр гарони «Овози тоҷик» хабар доранд.

Саъдии бузург беҳуда нагуфтааст: «Дӯст он бошад, ки гирад дасти дӯст, Дар парешонҳолию дармондагӣ...»

Бояд нагузорем, ки ягона рӯзномаи тоҷикии ҷумҳуриявиамон аз байн равад.

Мутаассифона, баъзан «болои сӯхта намакоб мерезанд».

Ду сол муқаддам мутасаддиёни собиқи обуна – кормандони масъули ҳокимият маро бовар кунонда буданд, ки дигар ба ҷараёни обуна дахолат намекунанд. Аз ин рӯ аз мадади онҳо даст шуста, ба қадри ҳол ба маҳаллаю идора, муассисаю ташкилот мактабу корхонаҳои шаҳру ноҳияҳои вилоят мурофиат кардем. Охирҳои моҳи ноябр, ҳангоми сафари хидматиам ба ноҳияи Ғиҷдувон дар идорае ба мурофиати мо бобати обуна ба «Овози тоҷик» мутахассисе ба навиштаҷоте чашм давонда гуфт:

– Рӯзномаи шумо дар рӯйхати тавсияшуда нест.

– Чӣ гуна рӯйхат?

Вай ҳуҷҷатҳои дахлдорро наздам гузошт. Ниҳоят аён гардид, ки «мутасаддиёни собиқи обуна» ваъдахилофӣ карда, боз ба масъалаи обуна бо «тавсиянома»-и худ дахолат кардаанд.

Бо вуҷуди ин баъди эътирози мо (афсӯс, ки хеле дер – 4 январи соли 2020) баённома таҳия ёфта бошад ҳам, вай саривақт дастраси алоқамандон нашуд.

10 январи соли ҷорӣ ба муаллифи ин сатрҳо лозим омад, ки дар қабули сайёри ҳокими вилоят дар ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Пахтакор»-и ноҳияи Вобканд иштирок намуда, ба вай бобати вазъи обуна мурофиат кунам. Сарвари вилоят «Ёрӣ медиҳем» гуфт. Чӣ гуна? Инро вақт нишон медиҳад. Соли гузашта чунин мурофиати мо бенатиҷа монда буд. Ба ҳар ҳол дунё боумед.

Мардӣ, саховат, ҳимматбаландӣ аз ҷумлаи фазилатҳои беҳтарини мардуми мост. Ҳоло бошад рӯзномаи «Овози тоҷик» ба соҳибони ин фазилат чашми умед бастааст.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.**

# «МАВЛОНО ҶОМӢ»-И ТЕАТРИ ӮЗБЕК

Масҷид ва мадраса, ёдгориҳои таърихӣ, қадамҷоҳои мубораки Тошканди азим асосан дар қисмати кӯҳнаи шаҳр ҷой гирифта буданд. Агар гӯем, таҳкурсии санъати театр ва кинои Ӯзбекистон дар давраи муосир, айни замон, дар «шаҳри кӯҳна» гузошта шудааст, муболиға намешавад. Ин қисмати шаҳр, воқеан, Аброр Ҳидоятов, Миробид Ҷалилов, Ғанӣ Аъзамов, Махсум Юсуфов, Соат Тоҷибоев барин чеҳраҳои намоёни ҳунарро, ки ба тараққии маданият ва санъати ҷумҳуриамон ҳиссаи муносиб ҳамроҳ намудаанд, тарбия намуд ва ба камол расонд. Дигар аз намояндагони барҷастаи санъати театр ва кино Ҳунарпешаи мардумии Ӯзбекистон Сайфиқорӣ Ҷалилов мебошад, ки низ дар қисмати кӯҳнаи Тошканд ба дунё омадаву истиқомат карда, бо нақшҳои ҷолиб қалби бинандагони сершуморро тасхир сохтааст.

Алъон дар бораи фаъолияти пурсамари яке аз саромадагони театр ва кино Сайфиқорӣ Ҷалилов, ки ӯро дар Тоҷикистон низ хуб мешиносанд, нақл карданием.

Мегӯянд, С. Олимов дар сафи симоҳои бузург, аз зумраи Ш. Бурҳонов, О. Хоҷаев, М. Мироқилов, Н. Раҳимов ва дигарон қарор дошт, образҳои ҷолиб меофарид, аз эҷодкорони фидоӣ буд, вале бо фазилати хуби инсонӣ – хоксорию фурӯтанӣ аз ҳампешагон ҷудо шуда меистод. Баробари актёри бузург будан чун инсони комил, шахси ғамхору дилсӯз ба дилу дидаҳо ҷо шуда буд.

Табассумаш беғубор ва дилбардор, гӯё ба чашм не, ба дили ҳамсуҳбатон ҳалимона нигариста, суханони самимӣ ба забон меовард. Вале танҳо дар нақшҳои мусбат не, дар офаридани образҳои манфӣ низ маҳорати комил дошт. Чун баъзе ҳунарпешагон, ки мехоҳанд танҳо нақшҳои асосиро бозанд, худбинӣ намекард. Бо ҳамин қадар машҳурӣ агар мегуфтанд шумо танҳо дар саҳнаи оммавӣ намоён мешавед, ба коргардонҳо баҳс карда наменишаст ва бо фурӯтанӣ ҳар гуна хоҳишро мепазируфт.

С. Олимов дар «Овозаҳо дар маҳалла»-и коргардон Шуҳрат Аббосов (филм соли 1960 ба экранҳо баромадааст) нақши хаткашонро бозидааст.

Танҳо ӯ соҳиби хату савод, бинобар ин номаеро, ки аз Маскав фиристода шудааст, худаш хонда медиҳад: «Ман сюрприз тайёр карда мондаам». Вай чашм бардошта, ба атрофиён андак ҳайратомез менигарад ва худро «доно» вонамуд сохта, шарҳ медиҳад: «Ба фикри ман, сюрприз мошинест, ки либос мешӯянд».

Ё худ, аз ҳавлӣ баромада, ба Ойпошшо (Марям Ёқубова), ки дар қалб ҳасад ба гапи онҳо номаълум гӯш меандохт, сахт нигоҳ меафканад, чун дид, ки вай ба дарича дармонд, айнаки чашмашро боло бардошта, таҳайюромез «ия» мегӯяд, ки аз ин ҳолат тамошобин беихтиёр завқ мебарад, табассум мекунад.

Дар картинаи Набӣ Ғаниев «Саргузаштҳои Насриддин» С. Олимов образи саррофро офарида ва дар талқини шахси каззоб, хасис, нобакор ва худбин низ маҳорати том доштани актёр дар он ба зуҳур меояд. Вай бечорагонро ба ивази қарзи ночизашон мефиребад, бо нокасӣ зебу зинати бевазани нодорро кашида гирифта ва ба бадали он аз фош шудани бевафоии ҳамсараш шармсор мегардад.

Ҳунарпешаи мардумии Ӯзбекистон, шодравон Шуҳрат Аббосов дар яке аз интервюҳои худ гуфта буд, ман аз тақдири худ, бинобар дучор оварданаш ба актёрҳои нотакрор, бисёр мамнунам, агар онҳо намебуданд, ба ман ин комёбиҳо даст намедод, мо коргардонҳо аз соҳибистеъдодҳое чун Сайфиқорӣ Олимов қарздорем, афсӯс, вақте онҳо зинда буданд, аз хидмат ва маҳораташон ба таври кофӣ истифода карда натавонистем. С. Олимов аз актёроне буд, ки соҳиби иқтидори бузурганд.

Қаҳрамони Ӯзбекистон, зиндаёд Зикир Муҳаммадҷонов низ С. Олимовро чун яке аз устодони саҳнаи театр ва кино эҳтиром мекард. Мегуфт, чеҳраҳои намоёне чун Ҳикмат Латифов, Махсум Юсуфов, Ҷӯра Тоҷиев, Ҳамидулло Наримонов, Соҳиб Икромов, Абдулҳақ Норбоев ва дар қатори онҳо Сайфиқорӣ Олимов ба маънои ҳақиқӣ пирҳои хуштадбири майдони ҳунар буданд. Яке аз асосгузорони театри миллии ӯзбек С. Олимов бошад, бешак, «хазина»-е буд бо забон ва характери бой, ба маънои ҳақиқӣ пири хирад, ки меарзад таҷрибаҳои ҳаётиаш омӯзем ва дар рӯзгори саҳнавиамон аз он омӯхтаҳо истифода намоем.

Вай натанҳо нақш дар театр ва киноро бо маҳорати баланд иҷро менамуд, балки партнёри (ҳамроҳ) худро бисёр эҳтиром месохт, барои он ки образи худро кушояд, ба ӯ шароит фароҳам меовард.

Талаффузи равшан, садоқат ба маданияти нутқ низ дар саҳна чизи муҳим. Ба ҳар сухане, ки аз даҳон баромад, тамошобин эътибор медиҳад. Ҷуз ин ба қиёфабозӣ (мимика), ҳолат ва ҳаракатҳои ҳунарпеша.

Ба ин гуна чизҳо С. Олимов аҳамияти калон менигаронд, усули хоси кор дар болои образҳоро ба ҳампешагон, хусусан, нақшофарони ҷавон талқин месохт, ба онҳо падарона ғамхорӣ менамуд. Дар ҳар гуна ҳолат онҳоро дастгирӣ мекард. Хуллас, образҳое, ки С. Олимов дар спектаклҳои «Табиби Туркистон», «Бой ва хизматкор», «Макр ва муҳаббат», «Парвози уқоб»,«Алишер Навоӣ»,«Ҳамлет», «Имон», «Шахси номаълум», ҳамчунин филмҳои бадеии «Саргузаштҳои Насриддин», «Таназзули аморат» , «Мафтуни туям», «Ҳамза», «Овозаҳо дар маҳалла», «Ситораи Улуғбек», «Нодирабегим» ва ғайраҳо офарид, аз нотакрорӣ ва барҳаётии симояш дар театр ва синамои миллӣ дарак медиҳанд.

Зимнан, дар драмаи «Алишер Навоӣ» С. Олимов нақши устод Ҷомиро бо маҳорати том бозида, чун «Мавлоно Ҷомӣ» низ замонҳое вирди забонҳо будааст.

Падари актёрро Олимқорӣ мегуфтанд. Ӯро, ки дар асл Сайфиддин ном дошт – Сайфиқорӣ. Чаро?

Барои он ки падару писар сӣ пора Қуръони Каримро азёд медонистанд ва қироат мекарданд.

**М. ШОДИЕВ.**

**Дар Донишкадаи давлатии омӯзгории Ҷиззах бо ташаббуси Федератсияи сайёҳии экстремали (ғайриоддӣ)-ву кӯҳии ҷумҳурӣ бо номи «Корвони таърих» ҷамъомад ба амал омад.**

# ЛОИҲАИ ДОИР БА САЙЁҲӢ

Дар он устодону донишҷӯёни донишкада ва шахсони ба сайёҳӣ алоқаманд иштирок намуданд.

Дар ҷамъомад паҳлӯҳои асосии лоиҳаи номбурда муҳокимаи худро ёфт. Таъкид гардид, ки сайёҳии ғайриоддии кӯҳӣ ба омӯзишу таҳқиқи таърих, бозёфтҳои он робитаи ногусастанӣ дорад. Зеро баробари рушду равнақи ин намуди сайёҳӣ, ки ҳадафи асосии он забти қуллаҳои аз ҳама баланди кӯҳ ва тамошои ёдгориҳои таърихӣ мебошад, паҳлӯҳои норавшани таърих низ кашф мегардад. Ҳоло, ки дар кишвари мо барои равнақ ёфтани ҳамаи намудҳои сайёҳӣ эътибор нигаронида шудааст, мебояд сайёҳии ғайриоддиву кӯҳӣ ҳам рушд кунад. Барои ин дар ҷумҳуриамон имкониятҳо фаровонанд.

**Анорбой НАЗАРОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти ҶИЗЗАХ.*

Ба ҷойи табрик

# КӮШ, ТО ХАЛҚРО БА КОР ОЙ

***Шоираи ширинкалом Гулрухсор Сафиева аз дарду аламҳои миллати сарсахти худ ба изтироб омада, сӯзу гудози ботинии худро ба таври зайл ҷамъбаст намудааст: «Марги миллат аз марги забон сар мезанад, марги забон бошад, аз беномусиву бегонапарварии соҳибзабонон». Ин суханони фариштаи сухан бисёре аз соҳибзабононро ҳушдор месозад.***

Он гуфтаҳо гӯё дар бораи қаҳрамони имрӯзаи мост, ки синаи бегонапарвариву беномусии ҷомеаи башариро бо офаридаҳои сеҳрангези хеш рахна намуда, дар каломи назмиву насриаш алайҳи онон бо синони ҳарфу ҳиҷо талош меварзад, пайваста эҷод менамояд. Гоҳе шеър меофарад, гоҳе наср менависад, гоҳе банди корҳои ташкиливу гоҳи дигар машғули тарҷумаи асарҳои назмиву насрист...

Асадуллоҳ Шукурзода бо нигоштаҳои худ дар саросари кишварамон, гузашта аз ин, дар байни тоҷикони кишварҳои ҳамсоя бо қаламиҳои худ аллакай шинохта шудааст. Вай соли 1970 дар деҳаи Чорбоғи ноҳияи Сариосиё чашм ба олами ҳастӣ кушод. Ҳанӯз аз синни шонздаҳсолагӣ ба эҷоди бадеӣ машғул аст. Баъди хидмати ҳарбӣ факултаи филологияи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистонро хатм намуд. Аз устодони забардасти ҳамин факулта ва шуъбаи рӯзноманигорӣ Н.Сатторов, П.Гулмурод, И.Усмонов ва дигарон сабақ гирифт. Баъди анҷоми таҳсил ба зодбум баргашт ва чанде муаллимӣ кард. Вале оташаки эҷод дар танӯри синааш аланга мезад ва ҳамин буд, ки ҷиддан ба корҳои эҷоди бадеӣ шуғл варзид. Аз он овон то имрӯз маҷмӯаҳои зиёди ӯ, мисли «Атри ваҳдат» (нашриёти «Ҷайҳун», соли 1998), «Намозгоҳи хуршед», «Осиёи қисмат» (нашриёти «Зарафшон», соли 2003), «Ашки ошиқ» (нашриёти «Зарафшон», соли 2006), «Чил баҳору чил хазон» (нашриёти «Муҳаррир», соли 2010), «Гулбӯсаи ишқ» (нашриёти «Турон замин зиё», соли 2014), «Чорбоғ» (нашриёти «Тамаддун», соли 2017) рӯйи чопро диданд.

Асадуллоҳ як дами осуда надорад. Як пояш дар шаҳри Самарқанд бошад, пойи дигараш дар шаҳри Тошканд аст. Маҳз ба туфайли ғамхорӣ ва кӯшишу ғайрати вай китоби чандин нафар қаламкашони тоҷику тоҷикзабонони кишвар аз нашр баровардa шуданд. Бо як ибора, вай шоир, нависанда, рӯзноманигор, тарҷумон, муҳаррир ва ношир аст. Бо чунин заҳматкаши сухан ба ҷуз ифтихор намудан чораи дигар нест.

Воқеан, вай аз соли 2019 инҷониб узви Иттиҳоди нависандагони Ӯзбекистон аст.

Асадуллоҳ ҳаёти якранг надидааст. Албатта, хурсанд буд, аз он ки ҳар қадамаш ба сӯйи камолот ва пешравиҳост. Аз оддитарин муваффақияти худ меболид. Гузашта аз ин, аз муваффақияти дӯстон курта-курта гӯшт мегирад. Ёд дорам, вақте ки китоби нахустини банда аз чоп баромад, мо бо телефон суҳбат кардем. Аз оҳанги ҳар як суханаш пайхас кардам, ки вай аз ман бештар хушнуд аст.

Воқеан ҳам Асадуллоҳ ҷавони ҳақбину ҳаққеш аст. Аз нобаробариҳои замона сахт андӯҳгин мегардад. Ба қавле месӯзаду месозад.

*Ҳақиқат зодаи имоми*
*раҳбар,*
*Ба ҳифзат ҷони ширин*
*садқаи сар.*

Ин гуна абёти ҳасбиҳолӣ дар қаламиҳои ӯ кам нестанд, ки аз талошҳои ин марди ҳақбин далолат медиҳанд.

Асадуллоҳро аз гоҳи довталаби донишгоҳ буданам хуб мешиносам. Мо дар шаҳри Душанбе якҷоя чанд муддат зиндагӣ ҳам кардаем. Серғайратӣ ва ташаббускории вай ҳанӯз аз давраи донишҷӯиаш ба ман маълум буд. Корвони вақт мегузарад. Ба қарибӣ фаҳмидам, ки шоир умри нимасраашро пешвоз гирифтанист. Рости гап аз як ҷиҳат хеле хурсанд шудам, ки рафиқи мо корвони умрашро аз хазинаи бебаҳо ғанӣ гардонда тавонист, яъне хидматҳои босазо анҷом дода истодааст. Аз тарафи дигар овони донишҷӯиамон пеши назар омада, афсӯс мехӯрам, ки саманди умр ин қадар бодпояст. Асадуллоҳи дирӯзакак ҷавон, имруз соҳиби фарзанду набераҳост.

Ҷанде пеш вай бо якҷоягии Шуҳрат Бобоҷон ба мактаби мо, ки воқеъ дар ноҳияи Чинози вилояти Тошканд аст, меҳмон шуда омад. Кӯлвораш пури китоб. Ҳамроҳи омӯзгорон ва талабагон ба истиқболи онҳо ҷамъомад гузарондем. Асадуллову Шуҳратҷон дар он баромад карда, дар ниҳоди талабагон ба китоб ҳисси дилгармӣ пайдо кунонда тавонистанд. Якҷоя бо хонандагон аҳд намудем, ки дар арафаи иди «Наврӯз» дар миқёси мактаб озмуни «Китобхони беҳтарин»-ро гузаронем.

Дар бораи бурду бохти ин нависандаи ҷавон ҳарчи қадар сухан гӯем кам аст, зеро хидматҳои арзандаи ӯ боиси ифтихор аст. Дар фуроварди сухан ба адиби заҳматкаш тандурустӣ, умри дароз ва комёбии эҷодӣ таманно дорем.

**Ҳикмат СУЛТОНЗОДА,**
**омӯзгори мактаби рақами 47-уми ноҳияи Чиноз.**

Ривоҷи сайёҳӣ – манбаи даромад

# ЭЛЛИКҚАЛЪА — МАРКАЗИ САЙЁҲӢ

Дар бораи ёдгориҳои таърихии Элликқалъаи Қароқалпоқистон борҳо шунидаем, аммо ҳаргиз иттифоқ наафтода буд, ки ба ин гӯшаи кишвар бевосита сафар карда, аз ёдгориҳои таърихии он боздид намоем. Аз Кумитаи давлатӣ оид ба рушди сайёҳӣ, як гурӯҳ журналистонро ба конфронси байналмилалии илмӣ-иқтисодӣ ва фарҳангӣ-равшаннамоӣ даъват карданд. Он таҳти унвони "Элликқалъа – маркази сайёҳӣ" дар шаҳри Бӯстон баргузор гардид. Ба ноҳияи Элликқалъа тавассути хатсайри Тошканд – Урганҷ расидем ва масофаи боқимондаро мошинсавор тай кардем.

Аз он ҳайратамон афзуд, ки чаро ин сафар на аз тариқи Нукус – маркази маъмурии Қароқалпоқистон, балки аз тариқи маркази маъмурии вилояти Хоразм сурат мегирад. Ба ин суол роҳбаладамон посух дод, ки масофаи байни Нукус ва Элликқалъа ҳудудан 500 километр бештар аст ва меҳмонон ҳангоми тай кардани ин масофаи тӯлонӣ хаста хоҳанд шуд. Вай афзуд, ки масофаи байни Урганҷ – Элликқалъа ҳудуди 60 километр мебошад.

Дарвоқеъ, баъди як соат мо ба маркази маъмурии ноҳияи Элликқалъа – шаҳри Бӯстон расидем. Он ҷо мизбонони конфронси байналмилалӣ меҳмононро бо нону намак, гулдастаҳо ва карнаю сурнай истиқбол гирифтанд. Муассисони конфронс Кумитаи давлатӣ оид ба рушди сайёҳӣ, Шӯрои Вазирони Қароқалпоқистон, Вазорати фарҳанг, Вазорати корҳои хориҷӣ, ҳокимияти ноҳияи Элликқалъа ва Маркази илмӣ-тадқиқотии лоиҳаҳои инноватсионии «Hamkor Stimul Servis» муаррифӣ шуданд.

Дар кори конфронс намояндаи сафорату вакилони соҳаи маркетинг ва ширкатҳои сайёҳии хориҷа, олимону бостоншиносон, соҳибкорони ноҳияи Элликқалъа ва ноҳияҳои ба он ҳамсояи вилояти Хоразм ширкат карданд.

– Ноҳияи мо ғайр аз ривоҷи соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ ва боло бурдани иқтисодиёти мамлакат, ҳамчунин ба ривоҷи сайёҳӣ низ эътибори махсус медиҳад. Соҳибкорӣ дар мо хеле пеш рафтааст ва бархе аз он маҳз ба соҳаи сайёҳӣ марбут аст. Аз натиҷаҳои пажӯҳишҳои бостоншиносӣ маълум шуд, ки дар Элликқалъа расадхонаи куҳантарин дар ҷаҳонро сохта будаанд. Дар натиҷаи кофтуковҳои бостоншиносӣ ҳамчунин аз зери замин амфитеатрро пайдо намуданд, ки 2500 сол муқаддам сохта шудааст. Он Элликқалъаро ҳамчун яке аз марказҳои тамаддуни ҷаҳонӣ муаррифӣ мекунад, – гуфт ҳокими ноҳия Сейдамат Авезов.

Ӯ афзуд, ки ҳадаф аз баргузории ин конфронс муаррифии Элликқалъа ба ҳайси маркази сайёҳӣ мебошад. Ба таъкиди ӯ соли гузашта барои боздид аз ҷойҳои таърихии Элликқалъа 50 ҳазор сайёҳ аз кишварҳои Аврупову Осиё омадааст.

Ноиби Нахуствазири Ҷумҳурии Қароқалпоқистон Муротбой Ҷуманов дар ҷараёни суханронӣ аз сафари Президент Шавкат Мирзиёев ба ин ҷумҳурӣ ёдовар шуд ва гуфт, ки мувофиқи супориши Президент ноҳияи Элликқалъа ба маркази сайёҳӣ табдил дода мешавад.

Сарпарасти Маркази илмӣ-тадқиқотии лоиҳаҳои инноватсионии «Hamkor Stimul Servis» профессор Шоҳида Султонова перомуни он ҳарф зад, ки рушду ривоҷи туризм дар ноҳияи Элликқалъа ҳамкориҳои доманфарохеро бо ширкатҳои туристии хориҷӣ тақозо менамояд.

– Аксари ёдгориҳои теърихӣ бар асари беаҳамиятӣ ва бетафовутиҳои худи мо ба харобазор табдил ёфтаанд. Аз ин лиҳоз барои барқарор кардани ин ёдгориҳо маблағи калон зарур. Мо тасмим гирифтем, ки бо ҷалби ҳарҷи бештари сармоягузорони хориҷӣ ёдгориҳои таърихиамонро барқарор кунем ва ба ҷаҳониён нишон диҳем, ки ин пораи сарзамини кишварамон дар тамаддуни ҷаҳонӣ чӣ нақши муассир доштааст, – иброз дошт Шоҳида Султонова.

Мудири шуъбаи бостоншиносии Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии таърих, археология ва этнографияи ФУ Ўзбекистон дар Қароқалпоқистон, Қаҳрамони Ўзбекистон Ғайратдин Хӯҷаниёзов зимни тақдимоти слайдҳо таваҷҷӯҳи иштирокчиёни конфаронсро хосатан ба номгузориҳо ва хусусиятҳои хоси Қабатқалъа ва қалъаҳои дигаре ҷалб намуд, ки аз чуқуриҳо пайдо кардаанд ва бозёфти хеле муҳими бостоншиносӣ ба шумор меравад.

– Ин ёдгориҳо ҳанӯз дуруст омӯхта нашудаанд. Мо дар ин бахши кор наздики 20 сол бо олимони Донишгоҳи Сидней ҳамкорӣ ба роҳ мондаем. Зимни кофтуковҳои бостоншиносӣ то 50 метри чуқурӣ кофтуковҳо гузаронидем ва ҳар як ёдгории таърихиро мавриди омӯзиши мукаммал қарор додем. Ҳамаи ин қалъаҳои пайдокардаи мо аз шумори ёдгориҳое мебошанд, ки таърихи Хоразми Қадимро бозтоб мекунанд, – гуфт Ғайратдин Хӯҷаниёзов.

Дар ҷараёни конфронс корманди маркетинги илмии Кумитаи давлатии рушди сайёҳии ҷумҳурӣ Отабек Олимҷонов ва коршиноси масъалаҳои туризми байналмилалӣ Анна Богдасарова баҳри беҳбудии туризм дар мамлакат ибрози назар карданд. Аз ҷумла, Анна Богдасарова гуфт, ки объекти Элликқалъа минбаъд ба сифати минтақаи нави туристӣ муаррифӣ мешавад, барои ҳамин бояд дар он тамоми шароити мусоид фароҳам оварда шавад.



– То ҳол роҷеъ ба марказҳои асосии сайёҳӣ дар Ўзбекистон аз Самарқанд, Бухоро, Хева ва Шаҳрисабз бештар ном мебаранд. Акнун ба ин феҳрист Элликқалъа низ шомил хоҳад шуд. Ин мақоми баланд аз дастандаркорони ин ноҳия тақозо менамояд, ки тамоми инфрасохтори лозимаро барои сайёҳон фароҳам оваранд. Иҷрои ин корҳо дар бобати афзоиши теъдоди сайёҳон ба ин минтақа хеле мусоидат хоҳад кард, – изҳор намуд Анна Богдасарова.

Намояндаи яке аз ширкатҳои сайёҳии Хитой дар Ўзбекистон Ли Гем Чер иштирокаш дар ин конфронси байналхалқиро заминаи муҳим барои ба роҳ мондани ҳамкориҳо дар бахши сармоягузорӣ арзёбӣ кард.

– Яке аз ҷанбаҳои ривоҷ додани сайёҳӣ истифодаи электромобилҳое мебошад, ки хитоиҳо алҳол барои минтақаи сайёҳии Хонободи вилояти Андиҷон дастрас намудаанд. Ҳоло дар Хонобод якчанд электромобил мавриди истифода қарор гирифтааст, ки ба тозагии обу ҳаво ва муҳити зист ягон зарар ворид намекунад. Аз ин намуди электромобилҳо дар Элликқалъа низ истифода бурдан ба манфиати кор мебошад, – гуфт Чер.

Вай ҳамчунин ба он нукта таъкид кард, ки сармоягузорони хитоӣ дар ин минтақа низ метавонанд якчанд объектро сармоягузорӣ кунанд. Ли Чер гуфт, ин иқдом даставвал имзои қатъномаи байни ҳокимияти ноҳияи Элликқалъа ва ширкати сайёҳии онҳоро тақозо менамояд.

Дар қисми дуюми конфронси байналмилалӣ иштирокчиёни он аз якчанд ёдгории таърихӣ, аз ҷумла, Аёзқалъа – 1, Аёзқалъа – 2, Аёзқалъа – 3, Қабатқалъаи калон, Уйчиқалъа, ҳамчунин ҳавзу кӯлҳо ва ҷойҳои муносиби дамгириву фароғати ноҳияи Элликқалъа боздид намуданд. Яке аз ин кӯлҳо, ки дар атрофи он инфрасохторҳои сайёҳӣ сохта мешуданд, Акчакӯл мебошад.

Ногуфта намонад, ки дар як қатор хаймаҳо шароити зист ва фароғат хеле хуб ташкил карда шудааст. Ҳар кӣ вориди ин хаймаҳо шавад, мебинад, ки дохили он бо матоъҳои ранга зинат ёфтаанд ва имкони дар мизу курсиҳои нарму зебо нишаста, таомҳои хушмазза тановул кардан муҳайё карда шудааст.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири махсуси "Овози тоҷик".**

*ТОШКАНД – УРГАНҶ – ЭЛЛИКҚАЛЪА.*

Хонаву фарзанди худро ҳифз намо

**_Дар Бюрои миллии маркази Интерпол дар Ҷумҳурии Ўзбекистон Сарраёсати пешгирии ҷинояткории Вазорати корҳои дохилии кишвар таҳти шиори «Хонаву фарзанди худро ҳифз намо» бахшида ба ташкили чорабиниҳо оид ба пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷиноятҳо дар байни ҷавонон нишасти матбуотӣ баргузор намуд._**

# ҶИНОЯТҲОЕ, КИ ҶАВОНОН СОДИР МЕКУНАНД, КАМ МЕГАРДАД

Дар чорабинӣ муовини Вазири корҳои дохилӣ, генерал-майор Азизбек Икромов оид ба корҳое, ки мақомоти корҳои дохилӣ оид ба пешгирии ҷинояткорӣ амалӣ менамоянд, маълумоти муфассал дод.

Солҳои охир дар кишвар ба сулҳ ва оромӣ, пешгирии ҷинояткорӣ ва амнияти ҷамъиятӣ таваҷҷуҳи махсус дода мешавад. Дар минтақаҳо бо назардошти принсипи «Ҳақиқат ва адолат дар мубориза бар зидди ҷинояткорӣ» бо мақсади барвақт пешгирӣ намудани ҷиноят низоми нав таъсис дода шудааст. Мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Ўзбекистон «Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон» ба зиммаи мақомоти корҳои дохилӣ як қатор вазифаҳо гузошта шуданд. Аз ҷумла, оид ба иштироки онҳо дар чорабиниҳо бобати баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ ва маданияти ҷавонон, пешгирии ҷинояткорӣ, офиятбахшии иҷтимоӣ ва мутобиқшавии иҷтимоии шаҳрвандони ҷавон тадбирҳо андешида мешаванд.

Барои иҷрои ин вазифаҳо дар давраи гузашта дар шуъбаҳои корҳои дохилии ҳар як ноҳия ва шаҳри ҷумҳурӣ 201 вазифаи муовини сардор оид ба корҳои ҷавонон таъсис дода шудааст. Аз ҷониби шахсони масъули низом чораҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ муайян шуданд, ки ба кушодани потенсиали ҷавонон равона шудаанд, аз он ҷумла меморандумҳо, қарорҳои муштарак қабул шуданд ва бо Иттифоқи ҷавонони Ўзбекистон чорабиниҳои мақсаднок гузаронида шуданд.

Вазифаҳо оид ба панҷ ташаббуси муҳими Президент, яъне ҷалби ҷавонон ба фарҳанг ва санъат, тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, баланд бардоштани саводнокии компютерӣ дар байни онҳо, рушди маънавият, тарғиби китобхонӣ ва таъмини шуғли занон мунтазам амалӣ мешаванд.

Дар асоси кафолати Иттифоқи ҷавонон, нисбати 620 нафар ҷавононе, ки ҷиноят содир намудаанд, ҷазои сабуктар, ки бо маҳрумият аз озодӣ алоқаманд намебошанд, таъин карда шуда, 580 нафари онҳо бо кор таъмин шуданд. 88 ҳазору 343 ҷавон ба ҳисоби профилактика гирифта шуданд. Дар натиҷаи корҳои инфиродӣ-профилактикӣ 42 ҳазору 771 нафари онҳо ба ҳаёти муқаррарӣ баргаштанд.

Ба туфайли чораҳои андешидашуда фазои тамаъҷӯӣ нисбати ҷинояткорӣ дар байни ҷавонон ташаккул ёфт. Дар соли 2019 нисбат ба соли 2018 то 2,883 кам шудани шумораи ҷиноятҳои дар байни онҳо содиршуда мисоли равшани ин аст.

Дар чорабинӣ инчунин дар бораи корҳое, ки вазорати амнияти мамлакат муайян менамояд, сухан рафт. Соли равон бо мақсади ҳифзи ҷавонон аз омилҳои гуногуни манфӣ, огоҳкунии бармаҳал дар бораи ҷинояту ҳуқуқвайронкунӣ таҳти шиори «Хонаву фарзанди худро ҳифз намо" чораҳои пешгирикунанда баргузор мешаванд. Ба ҷавонон далели муҳофизати Ватан вазифаи шарафнок ва муқаддас будан ба таври васеъ шарҳ дода мешавад.

Бо муносибати холисона ба равандҳои иҷтимоию сиёсӣ, ки дар ҷаҳон рух медиҳанд, ба ташаккул додани иммунитети ҷавонон ба таҳдидҳои гуногуни дохилӣ ва хориҷӣ диққати махсус дода мешавад. Экскурсияҳо ба мактабҳои "Темурбекҳо", мактабҳои олии ҳарбӣ, гурӯҳҳои махсуси коллеҷҳои касбӣ ва литсейҳои академӣ ва қисмҳои ҳарбӣ ташкил карда мешаванд.

**Абдулазиз МӮСОЕВ,**
**хабарнигори ЎзА.**



*Дар маркази ноҳияи Данғараи вилояти Фарғона маркази ахбору китобхонаи замонавии дорои 150 ҷой ба фаъолият шурӯъ кард.*

*Он дар асоси супоришҳое, ки Президент рӯзҳои 12-13 июни соли 2019 ҳангоми ташриф ба вилояти Фарғона дода буд, бунёд шуда, дорои фонди беш аз 32 ҳазор китоб буда, аз 3 ошёна иборат аст, барои китобдӯстон тӯҳфаи муносиб гардид. Дар маркази ахбору китобхона 14 нафар мутахассис ба беш аз 2,5 ҳазор китобхон хизмат мерасонанд.*

*Ҷои хушнудист, ки имрӯзҳо маркази ахбору китобхона ба аҳолии аз 7 то 70-сола зиё ва маърифат медиҳад.*

***Дар сурат:** дар маркази ахбору китобхонае, ки дар ноҳияи Данғара ба фаъолият шурӯъ кардааст.*

***Суратгир: М. ҚОДИРОВ (ЎзА).***

## ХАБАРҲО

### Парвандаҳо оиди ҳуқуқи меҳнат

***Мулоқоти кушоди судяҳои Суди Олӣ ва намояндагони воситаҳои ахбори оммавӣ баргузор гардид.***

Таъкид ёфт тӯли соле, ки сипарӣ гашт, оиди судҳои шаҳрвандӣ доварон 188 ҳазору 282 парвандаро омӯхтанд, ки аз онҳо 4233-тояшон аз рӯи низоъҳои меҳнатӣ мебошанд. 1964 муроҷиат ба барқарорсозӣ ба кор марбут бошанд, 1779 шикоят дар бораи рӯёнидани музди меҳнат буд. Зараре, ки ходим ба кордиҳанда расонидааст, дар 196 ҳолат мавриди баррасӣ қарор ёфт. Онҳое, ки меъёри қонуни меҳнатро хуб медонанд, ҳуқуқи меҳнати дигаронро эҳтиром месозанд. Маданияти ҳуқуқии аҳолӣ баланд бошад, низоъҳо аз байн мераванд, гуфтанд баромадкунандагон. Шароит тақозо месозад баҳри ташаккули донишҳои ҳуқуқии шаҳрвандон ва кордиҳандагон чораҳо пурзӯр гардонида шаванд.

Дар доираи мулоқот судяҳои Суди Олӣ аз хусуси дастурҳои амалӣ низ ҳарф заданд, ки мутахассисон омода сохтаанд.

### Таваҷҷӯҳи индонезиягиҳо ба Амир Темур

***Сайёҳӣ ривоҷ ёфта ва таваҷҷӯҳи хориҷиён ба дидан аз ҷойҳои таърихӣ, осори меъморӣ ва манзараҳои нотакрори ин диёр торафт меафзояд.***

Меҳмонон аз Индонезия дар Осорхонаи давлатии таърихи Темуриён буданд ва шиносоӣ ба экспонат ва ашёи нодире, ки ин ҷо нигоҳдорӣ мешавад, ба онҳо як олам таассурот гузошт. Ҳуҷҷатҳо марбут ба давлатдории Соҳибқирон, сару либосе, ки аз этнографияи давраи салтанати Темуриён бозгӯӣ мекунанд, ашёе, ки сарбозон истифода мекарданд, диққати онҳоро кашид ва дарак ёфтанд дар ин осорхонаи таърих наздик 5 млн. экспонат мавҷуд, ки чун манбаъи муҳим хизмат мекунанд.

### Муҳоҷирони меҳнатӣ – мавриди ғамхорӣ

***Дар Агентии ахбор ва коммуникатсияҳои оммавии назди Маъмурияти Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон анҷумани матбуотӣ баргузор ва оиди иҷрои корҳое, ки аз Фармони роҳбари давлати мо дар бораи чораҳои боз ҳам пурзӯрсозии кафолати ҳифзи шаҳрвандони ҷумҳурӣ ва аъзои оилаи онҳо баромада меоянд, маълумот дода шуд.***

Масъулони идораҳои муҳофизати меҳнатӣ таъкид сохтанд шаҳрвандоне, ки берун аз ҷумҳурӣ ба меҳнат фаро гирифта шудаанд, низ таҳти ҳимояти давлат қарор доранд. Алъон наздик 1 миллиону 800 ҳазор ҳамватанонамон дар Русия ба шуғлҳои гуногун ҷалб шудаанд. Вазъиятҳои ташвишангез кам не. Тақрибан 300 ҳазор нафар депортатсия гаштаанд. 308 нафар вафот карданд. Аз ҷониби давлати мо ба 3643 нафар муҳоҷирони меҳнатӣ кӯмаки молиявию иҷтимоӣ расонида шуд. Таъкид ёфт идораҳои мутасаддӣ дар таъмини ҳифзи ҳуқуқ, расонидани кӯмаки моддию иҷтимоӣ, хабарӣ-маслиҳатӣ ба эҳтиёҷмандон ва умуман мувофиқи талаби замон ба тартиб андохтани муҳоҷирати меҳнати берунӣ фаъолияти худро ҷоннок месозанд.

### Роҳбарони мактабҳо – ҳунарпешагони номӣ

***Байни мактабҳои мусиқӣ ва санъати бачагонаи тасарруфи Вазорати фарҳанг ва намояндагони номвари санъат ва маданият робитаҳо мустаҳкам мегарданд.***

Мақсад дар боргоҳҳои ҳунар баланд бардоштани дараҷаи сифати таълими мусиқӣ ва мустаҳкамсозии салоҳияти эҷодии насли наврас мебошад. Ба як қатор ин гуна мактабҳо ҳунарпешагони мардумӣ ва хизматнишондода роҳбар таъин карда шуданд. Чунончи, сарпарастии мактаби мусиқӣ ва санъати бачагонаи рақами 20-ум воқеъ дар ноҳияи Мирзо Улуғбеки пойтахт ба Ҳунарпешаи мардумии Ўзбекистон Хайрулло Лутфуллоев супурда шуд. Дар ин маскан истеъдодҳои ҷавон дар 13 самт асрори санъат ва мусиқӣ меомӯзанд. 53 нафар устодон ба таълим фаро гирифта шудаанд. Овозхони собиқадор Х. Лутфуллоев дар ташкил кардани дарсҳои маҳорат ба устодони ҷавон намуна мегардад.

**М. ШОДИЕВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**

Шариф ХАЛИЛ

# ҚУРБОНИ МУЛӮҲ

(Ҳикоя)

(Аввалаш дар шумораҳои гузашта).

Мулло Абдуллоҳ муддате ба сурху сафед гаштанҳои Шукруллоҳ нигариста:

– Қадаматро дониста мон, ки фардо пушаймон нашавӣ! Радди маърака гашта, дар хориву зиллат намурӣ, – аз пушти зинполон қомати худро каме хамонда, овозаш паст, аммо батаъкид гуфт. Ин дам хост беибо ба рӯйи манфури ӯ туф кунад, аммо ба иродат худро дошт. Вай ба фаросат дарёфт, ки ин ҷавони дамдузд дар рӯзи равшан дурӯғ мезанад ва яқин аз паси кадом ташвише ҷон мекоҳонад... Аммо чӣ нияте дар дили чиркинаш хуфта – равшан намедонист. Гумону тахминҳо дошту халос! Бисёр ҳам ӯро изо надода ва ҳамин қадарашро кифоят дониста, сари харро ба ҷониби боғоти саросар сабзи колхоз гардонд ва аз паси ягон-ягон колхозчиҳои савора, ки дар хӯрҷин тӯшаи худ ва белу досашон гоҳе суҳбаткунон, гоҳе хомӯш мерафтанд, низ дар қайди андешаҳои гандаву нағз ба корҷой шитофт... Ҳоло ба дили Мулло як даста оташ даромада фикраш ба куҷоҳое рафтаву аз ёди як воқеаи марбут ба ҳамин ҷавони мулоимхунук ноаён лаб газид. Он вақт тақрибан панҷ-шашсола буд Шукруллоҳ...

...Дар як бегоҳонии фасли зимистон, ки аз барфи шабона шохи дарахтону сари деворҳо, болои бому оғилу каҳдонҳо... ҳама сап-сафед метофтанд ва ноаён аёси шаб ҳам бедор мешуд, Нуъмонбой – чӯпони деҳа ҳамин писарчаи худро бадаста пеши ӯ оварда:

– Муллоҷон, ин кенҷаи мо, шинос шавед, – гуфт ба сари китфи ҷигарбандаш даст монда: – Номаш Шукруллоҳ.

Як зарра ҳаяҷон дошт ӯ.

– Чӣ номи зебанда. Илоҳо, умраш дароз гардад. Одами хуб шавад, – ба писарак нигариста, дуо кард Мулло.

– Мо бо хидмате пешатон омадем, – гардан каҷ намуд чӯпон.

– Марҳамат.., – каме ба писараку баъд ба падараш нигоҳ карда, бо тавозӯъ гуфт Мулло Абдуллоҳ.

– Муллоҷон, мураматон, пӯсткандаи гап ҳамин: – ҷигари моро ба тарбияти худатон мегиред. Сад тарафашро андешида, пеши шумо овардамаш. Як шогирди хуб тайёр кунед. Мо ба ҳар хидмат омода...

– Хуб, амакҷон. Ба кори хайр ҳамеша тайёрем.., – аз ин тасмими падар хеле шод гашт Мулло.

– Мисли ман умракаш аз паси чаҳор бузу гӯсфанд беҳуда зоеъ нашавад. Рӯзи чӯпон мардум ба худатон маълум, сахт...

– Шумо меҳнати ҳалол мекунед, амаки Нуъмонбой. Нонатон ҳалоли ҳалол.

– Раҳмат, Муллоҷон! Аммо азоби ин касбро мефаҳмед, азоби гӯр. Ягона писари мо, ки Худо дар дами пириамон ҳадя фиристод, бигзор чӯпон нашавад. Духтарон, хайр, гапи дигар! Бандаи касанд онҳо...

– Олам пури касб, амак. Дилхоҳашро омӯхта...

– Не, Муллоҷон! – сухани ӯро бурид чӯпон. – Бигузор, Шукруллоҳи мо ҳам мулло шавад. Аз шумо илтимосамон ҳамин: мурғаки моро таълим дода, як инсони шоиста бикунед. Шояд дар давраҳои мардум як калимаву ду калима қироат карда, ин тавр ризқи худашро чинда гардад.

Мулло ба писараки он айём нигоҳаш гарм нигаристан пас, андешаманд аз оринҷи Нуъмонбойи чӯпон дошта канортар бурд.

– Хато фикр мекунед, амак. Муллогӣ касб нест!

– Чӣ хел...? – ҳангу манг гашт чӯпон.

– Ҳамин хел! Касб нест. Агар ниятатон ин аст, хафа шавед ҳам, писари шуморо ба шогирдӣ намегирам, – гуфт бепарда.

– Ниятам... О ман мулло шавад гуфта будам.., – дар ҳоле ки ранги рӯяш канда дар домани риши тунукаш бенур метофт, оҳиста оринҷи худро раҳо намуда, пешонӣ молид чӯпон.

– Агар хоҳед, ҳамин хел таълим медиҳам, шояд мусалмони комил гардад.

– Ризқаш чӣ мешавад? Минбаъд нонашро чӣ хел меёбад, гардаматон?

– Аз ризқаш ғам нахӯред, амаки Нуъмон. Мисли ҳама касб меомӯзад, меҳнат мекунад. Албатта, Худои меҳрубон ризқашро низ мерасонад.

– Худо-о..?

– Бале! – миёни абрӯвон гиреҳ андохта батаъкид гуфт Мулло Абдуллоҳ.

Нуъмонбой як даме фикр карда истоду баъд коғазвор даргирифт.

– Шогирд даркор нест гӯеду монед, Мулло! Ман фикр карда будам, ки одами гапраед шумо... Э монед-е...

Даст афшонда ва писаракаш, ҳамин Шукруллоҳи ҳоло хаппакро пешандоз карда, аз ҳавлии ӯ бадар рафта буд амаки Нуъмон. Ба шунидаш, Шукруллоҳ баъд шогирди кадом нимчамуллои гузар шуда, тонам-натонам чанд калима ёд мекунад. Аммо замонаҳо нав гашта, ба орзуи худ намерасад. Чунки ҳукумати нав ба номаш мулло дандон сафед намуда, як-як аз ғалбери худаш мегузаронд. Динро ҳам афюн эълон карда буд. Рӯз ба рӯз ба саводи кухна талабгорон кам мешуданд. Шукруллоҳ ҳам чун аксари ҷавонон китобу қалами куҳанро канор гузошта, ба илми ҷадид рӯ овард. Мактаби навро хатм карда, савод гирифт. Ҳоло, ана... сарвари ҷавонони ҷамоат аст, мисли ӯ коргари колхоз. Бел дорад, досаш ҳам мудом ҳамроҳаш. Аммо баъзан аз байни коргарон липпӣ ғоиб шуда, боз зиёнвор пайдо мешавад. Куҷо меравад, ба чӣ кор машғул, касе намедонист! Дар бари колхозчиҳо истода, ба гуфтугузори онҳо хомӯш гӯш меандозад...

(Давом дорад).

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир Шерпӯлод ВАКИЛОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.

Ҳаҷми насри бадей, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ўзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
ISSN 2010-7757
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-135. Адади нашр 836, ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 6

Суратҳисоби мо дар бонк: С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор: М. Шодиев.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 22.00

Нишонии мо:
100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ». Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.